

АБДУҶАББОР УМАРОВ

# ҶОЙГОҲИ ИБНИ СИНО ДАР ТАЪРИХИ ТАМАДДУНИ ҶАҲОН

МАРКАЗИ МИЛЛӢ ВА ФАРҲАНГИИ
ТОҶИКОНИ ӮЗБЕКИСТОН

АБДУҶАББОР УМАРОВ

# ҶОЙГОҲИ ИБНИ СИНО ДАР ТАЪРИХИ ТАМАДДУНИ ҶАҲОН

*Ба муносибати 1040 мин солгарди таваллуди Абӯалӣ ибни Сино*

ТОШКАНД
«YANGI NASHR»
2019

УЎК: 001(092)(575.151)
КБК: 72.3(5)
Т91

**Умаров, Абдуҷаббор.**
Ҷойгоҳи Ибни Сино дар таърихи тамаддуни ҷаҳон (Рисола). – Т.: “Yangi nashr”, 2019. – 48 саҳ.

**Муҳаррири масъул:**
**ҶАЪФАР ХОЛМӮЪМИНОВ,**
*доктори улуми фалсафа (Ph.D), профессори Академияи Улуми байналмилалии Antyque World (Аврупо)*

**Тақриздиҳандагон:**
**Нарзулло ҶӮРАЕВ,**
*доктори улуми сиёсӣ, профессор, мудири кафедраи “Улуми иҷтимоъӣ”-и Донишгоҳи давлатии Забонҳои ҷаҳони Ӯзбекистон, академики Академияи Улуми Тӯрон (Ӯзбекистон);*

**Аслиддин ҚАМАРЗОДА,**
*профессор, академики Академияи Улуми Тӯрон (Ӯзбекистон);*

Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) мутафаккири барҷастаи Машриқзамин аст, ки ба рушду ривоҷи илму фан ва тамаддуни башарӣ саҳми беандоза бузург гузоштааст. Бинобар асарҳо ва шарҳҳои Ибни Сино, ки дар Аврупо бо номи “Авитсенна” машҳур аст, халқҳои Аврупо бо бархе аз осори Арасту ошно гардиданд. Абӯалӣ ибни Сино бо 450 номгӯ асарҳои илмӣ ва адабии худ ба ривоҷи соҳаҳои гуногуни илм, хусусан, фалсафа, мантиқ, ахлоқ, илоҳиётшиносӣ, эстетика, тиббиёт, кимиё, дорушиносӣ, гиёҳшиносӣ, минералогия, ҷуғрофиё, риёзиёт, физика, астрономия, адабиётшиносӣ, мусиқашиносӣ ва ғайра саҳми арзанда гузошт.

Ин рисолаи илмӣ-оммавӣ, ки дар дасти шумо, хонандагони азиз аст, ба шарҳи мухтасари рӯзгор ва осори ин нобиғаи беназири таърихи башарият ва масъалаи ҷойгоҳи ӯ дар рушду ривоҷи тамаддуни башарӣ ихтисос ёфтааст.

Китоб барои мутолиъа ба муҳаққиқони афкор ва осори Ибни Сино, муҳаққиқон, муаллимон ва донишҷӯёни соҳаҳои таърих, фалсафа ва адабиётшиносӣ, муаллимони мактабҳои миёна ва донишомӯзон ва доираи васеъи хонандагон тавсия карда мешавад.

ISBN-978-9943-22-273-1

© «YANGI NASHR» 2019

# АБӮАЛӢ СИНО – ҲАКИМИ ҲАЗОРАИ ГУЗАШТА ВА ҲАЗОРАҲОИ ОЯНДА

Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) мутафаккири барҷастаи Машриқзамин аст, ки ба рушду ривоҷи илму фан ва тамаддуни башарӣ саҳми беандоза бузург гузоштааст. Бинобар асарҳо ва шарҳҳои Ибни Сино, ки дар Ғарб бо номи “Авитсенна” машҳур аст, халқҳои Аврупо бо бархе аз осори Арасту ошно гардиданд. Абӯалӣ ибни Сино бо 450 номгӯ асарҳои илмӣ ва адабии худ ба ривоҷи соҳаҳои гуногуни илм, хусусан, фалсафа, мантиқ, ахлоқ, илоҳиётшиносӣ, эстетика, тиббиёт, кимиё, дорушиносӣ, гиёҳшиносӣ, минералогия, ҷуғрофиё, риёзиёт, физика, астрономия, адабиётшиносӣ, забоншиносӣ, шехшиносӣ, мусиқашиносӣ ва ғайра саҳми арзанда гузошт.

Ба хотири ҷойгоҳи баланде, ки дар илмҳои гуногун доштааст, мардуми Машриқзамин Абӯалӣ ибни Синоро бо унвонҳои “Шайхурраис”, “Ҳуҷҷат ул-Ҳақ” ва “Шараф ул-мулк” ном бурдаанд.

Дар бораи рӯзгор ва осори Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино аз замони зиндагиаш то ба имрӯз рисолаву мақолаҳои бешуморе аз тарафи олимону адибони Шарқу Ғарб ба забонҳои гуногуни ҷаҳон навишта шудааст. Таҳқиқи ҳаёт ва мероси илмии ӯ ҳазор сол аст, ки мавриди таваҷҷӯҳ ва эътибори муҳаққиқони барҷастаи ҷаҳон қарор гирифтааст. Вале масъалаҳои то кунун ҳалнашуда дар боби зиндагӣ ва андешаҳои илмии ӯ ҳанӯз ҳам бисёранд ва ин водор мекунад, ки муҳаққиқон ҳамеша дар пайи ҷустуҷӯйи паҳлӯҳои кушоданашудаи ин шахсияти бузурги ҷаҳонӣ бошанд.

Нокушуда мондани бисёре аз паҳлӯҳои ҳаёт ва эҷодиёти илмиву адабии Ибни Сино сабабҳои гуногун дорад. Омилҳои зерин метавонанд аз ҷумлаи ин гуна сабабҳо бошанд:

1. Торикиҳо ва мураккабиҳои таърихи асри Ибни Сино. Аз ҷумла, таназзул ва парокандашавии давлати Сомониён, баҳсҳои диниву мазҳабӣ байни исмоилиёну сунниён ва мӯътазилиёну ашъариён, тохтутози Қаротегиниён, ба вуҷуд омадани давлати Ғазнавиён ва ҳоказо.

2. Парокандагии зиндагии худи Ибни Сино. Муҳоҷират аз Бухоро ба Урганҷ, аз Урганҷ ба шаҳру вилоятҳои Эрон, хидмат дар дарборҳои ҳукмдорони маҳаллӣ, гирифтори ҳабсу зиндонҳои пайдарпай шудани Ибни Сино ва ҳоказо.

3. Парокандагии асарҳои Ибни Сино. Ибни Сино табиист, ки дар он замон осори худро ба шакли дастнавис, дар як нусха таълиф намуда ва имкони нусхабардориву зиёд кардани онро надоштааст. Дар натиҷа ин як нусхаи дастнавис бар асари муҳоҷиратҳо ва гурезогурезҳои ӯ аз таъқиби мулозимони Маҳмуди Ғазнавӣ ё худ дар натиҷаи ҳабсу зиндонҳо ё дар ҷое гум шуда, ё дар ҷое дар дасти касе мондааст. Табиист, ки бисёре аз он асарҳо нотамом ва нимкора мондаанд.

4. Ибни Сино – нобиғаи беназири таърихи башарият, дорои тафаккури ниҳоят васеъе буд. Тасаввур кардани парвози андешаи ӯ дар осмони илму адаб барои мо имконпазир нест. Вай дар як лаҳза метавонистааст ҳамзамон дар бораи чандин баҳси илмӣ фикр кунад ё қазоват намояд. Дар натиҷаи ҳамин гуна вусъати бузурги андеша ӯ рисолаеро оғоз намуда ва чанд саҳифаи онро навишта, вале ба сабаби пайдо шудани ғоя ё фикри тозае дар соҳаи дигари илм, он рисоларо ба як тараф гузошта ва ба навиштани асари дигаре дар мавзӯъи комилан дигар машғул мешудааст.

5. Таъқибҳои Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва зиддиятҳои дигар мухолифони Ибни Сино, ки боиси бесарусомонӣ ва ноороми ҳаёти ӯ шудааст.

6. Мубориза байни андешаи илмӣ ва андешаи динӣ дар асри Ибни Сино. Дар натиҷаи ин гуна муборизаҳои мафкуравӣ табиист, ки баъзе аз асарҳои Ибни Сино аз байн рафта ё муддате аз назарҳо пинҳон монда бошад.

Ин гуна сабабҳоро, ки аз тахмин низ холӣ нестанд, боз ҳам метавон идома дод. Аммо, он чӣ ки моро таскин медиҳад, ин аст, ки бо вуҷуди он ҳама бесарусомониҳои зиндагӣ ва давр, Ибни Сино тавонистааст аз худ ёдгоре ҷовидонӣ баояндагон бимонад ва паёми безаволи худро ба ҳазорсолаҳои оянда бирасонад, ки боиси ифтихор ва сарбаландии халқи мо бошад.

Ибни Сино, воқеъан, доиратулмаъориф – энциклопедияи беназири асри худ ва на танҳо асри худ, балки тамоми таърихи тамаддуни башарият будааст. Дарҳақиқат, “зиндагии нисбатан кӯтоҳ (ҳамагӣ 57 сол умр дидааст), аммо пур аз фаъолият ва ҳаракати Абӯалӣ Сино чунон вусъат ва нуфузе доштааст, ки тақрибан ҳамаи уфуқи васеи фарҳанги асраш аз назари таҳқиқи ӯ гузашта, натиҷаҳои он ҳамчу

дарёи хираду закои беназир бар рӯи варақаҳо равон шудааст. Таҳсил ва омӯзиш дар ҳузури олитарин муаллимони соҳаи забон, адабиёт, фиқҳ, ҳисоб, ҳандаса, фалсафа, мантиқ, мусиқӣ, мутолиа дар китобхонаҳо, ошноии дақиқ бо китобҳои фалсафӣ, шеъру адаб ва мусоҳибаҳо бо уламо ва ҳукамои бузурги аср, муоличаи беморон,ҳамнишинӣ бо ҳама гуна табақаҳои ҷамъият, машғулияти корҳои давлатӣ, дучори таъқибу озори душманон, дар зиндон хобиданҳо ва гурезу пинҳонӣ зистанҳо... ки ин ҳама қисмате аз зиндагии пур аз машғулияти беороми ӯро хулоса мекунад, чигунагии вусъати пайвастагии ӯро бо фарҳанги асраш нишон медиҳад. Аз ин пайвастагӣ як донишманди илмҳои қомусӣ, як файласуфи доно, як табиби ҳозиқ, як муаллими хушбаён ва як нависандаву шоири хушкалом ва пуркор ба майдон омадааст, ки қисмати муҳими фарҳанги азими як асри дурахшонро дар асарҳои худ инъикос намудааст”.[1]

Чуноне ки аз навиштаҳои худаш ва шогирдону пайравонаш бармеояд, Ибни Сино дорои табъи ниҳоят латифу нозук, қалби пурэҳсос ва рӯҳияти ноорому пуртакопӯ будааст. Бино бар маълумоти манбаъҳо, шаклу шамоили Абуалӣ Синоро рассомони давр ҳанӯз дар замони зиндагиаш тасвир намудаанд. Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар китоби “Чаҳор мақола”-и худ нақл мекунад, ки Султон Маҳмуд ба ба Абулаббос Маъмуни Хоразмшоҳ нома навишта, аз ӯ фиристодани як гурӯҳ олимонро ба назди худ талаб кард ва дар қатори онҳо Ибни Сино ҳам буд. Олимон (аз ҷумла, Абӯрайҳони Берунӣ) вақте ки аз Хоразм ба Балх, ба назди Маҳмуд омаданд, дар байнашон Сино набуд. Арӯзии Самарқандӣ менависад: “Султонро мақсуд аз эшон Абӯалӣ буда буд. Ва Абӯнасри Ироқ наққош (рассом – А.У.) буд, бифармуд, то сурати Абӯалӣ дар коғаз нигошт ва наққошонро бихонд, мо бар ин мисол чиҳил сурат нигоштанд (аз он рӯбардорӣ карданд – Ҷ.Х.) ва бо маношир ба атроф фиристоданд ва аз асҳоби атроф дархост, ки мардест бад-ин сурат ва ӯро Абӯалӣ Сино гӯянд, талаб кунанд ва ӯро ба ман фиристонанд”.[2]

---

[1] Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик. – Душанбе: “Маориф”, 1985. – С.4-5.

[2] Ин иқтибос низ аз китоби зерин гирифта шуд: Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик. – С.5.

Мутаассифона, аз он сурат, ба ғайр аз ин хабаре, ки дорем, чизе боқӣ намондааст, вале дар асри гузашта мусаввирони русу эрониву тоҷику ӯзбек бар асоси маълумотҳое, ки дар даст ҳаст, портретҳо ва муҷассамаҳои тахминии Ибни Синоро офаридаанд. Масалан, яке аз шогирдонаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ дар бораи Сино чунин мегӯяд: "Мегӯянд, ки вай дар кӯдакӣ аз зеботарин мардуми рӯзгор буд ва мардум дар рӯзи одина дар роҳҳо ва гузарҳо дар камин мебуданд, то ҳангоме ки аз хона ба масҷиди ҷомеъ мерафт, бар зебоии ҷамолаш бинигаранд".[3]

Ин маълумотро таърихнигори машҳур Байҳақӣ дар китоби худ "Татиммат сивон ул-ҳикмат" низ қувват медиҳад ва мегӯяд: "Абӯалӣ, ки ба маҷлиси Алоуддавла даромад, қабои доройӣ ва дастори катон ва мӯзаи чармин пӯшида буд ва рӯ ба рӯи ӯ наздик ба вай нишаста буд. Ва чун омадӣ, амир ба воситаи рӯи некӯ ва фазлу зарофаташ шигифтӣ кард ва асари шодӣ дар рӯи амир пайдо шуд ва чун дар баробари ӯ сухан гуфт, аҳли маҷлис гӯш доданд ва сухане нагуфтанд, то ин ки хомӯш шуд".[4]

Аз ин маълум мешавад, ки Абӯалӣ Сино намуди зебо ва дилкаше доштааст. Вале мусаввирони давру замонҳои гуногун ӯро хаёлан ҳар гуна тасвир кардаанд. Масалан, мусаввирони аврупоӣ ӯро монанди олимони масеҳимазҳаб тасвир намудаанд, ки ҳеҷ вақт ба ҳақиқат дуруст намеояд.

Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар дафтари якуми "Маснавии маънавӣ" ҳикояте дорад дар бораи муолиҷаи канизаки ошиқшуда ба заргарбачаи самарқандӣ, ки ҳикояте мансуб ба Абӯалӣ Синосст, симои нуронии ин шахсияти бузург – табиби ҳозиқро чунин тасвир мекунад:

Дид шахсе, комиле, пурмояе,
Офтобе дар миёни сояе.
Мерасад аз дур монанди ҳилол,
Нест буду ҳаст бар шакли хиёл.
Он валии Ҳақ чу пайдо шуд зи дур,
Аз сару пояш ҳаме метофт нур.

---

[3] Нигоҳ кунед: ҳамон китоб. – С.6.
[4] Нигоҳ кунед: ҳамон китоб. – С.6.

Ишқу муҳаббати илмомӯзӣ дар дили Абӯалӣ он қадар қавӣ буд, ки аз баҳри хушиҳои рӯзгор ва комрониҳои ҷавонӣ гузашт. Зеро қалби ҳассос ва пурмуҳаббаташ фақат бо омӯзиши илму дониш қадре таскин меёфт. Ҳеҷ вақт аз худ қонеъ намешуд, ҳар чӣ бештар мутолиа мекард, меомӯхт, мепурсид, ба суолҳои худ дар бораи инсон ва ҳастӣ, марг ва ҳаёт... ҷавобҳои амиқ меҷуст. Ба қавли худаш:

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал,
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.

Ибни Сино "дар шонздаҳсолагӣ дар ҳамаи улуми замони худ устод шуд, ҷуз дар мобаъдуттабиъа ба он сурат, ки дар китоби Арасту омада буд ва бо он ки чанд бор ин китобро аз сар то бун мутолиъа карда буд, наметавонист онро фаҳм кунад. Аз синни 18 солагӣ ба товри мустақил ба омӯзиши илмҳои тиббӣ оғоз кард. Вале чун ба шарҳи Форобӣ бар он китоб даст ёфт, монеъ аз миён рафт ва ҳамаи масоили душвори онро низ дарёфт. Аз ин ба баъд Ибни Сино эҳтиёҷ ба хондани сатҳӣ надошт, балки лозим буд, ки фаҳми худро аз лиҳози умқ афзойиш диҳад то он чиро ки то он замон ки ҳаҷдаҳ сол аз умраш мегузашт, омӯхта буд, беҳтар дарк кунад. Наздики авохири умри худ як бор ба шогирди мавриди таваҷҷӯҳи хеш Ҷузҷонӣ гуфт, ки дар тамоми муддати умр, чизе беш аз он чӣ ки дар ҳаҷдаҳсолагӣ медониста, наёмӯхтааст".[5]

Андешаҳои илмиву фалсафии Ибни Сино дар асрҳои баъдӣ низ тарафдорону пайравони зиёде пайдо кард. Аз ҷумла, Шаҳристонӣ (ваф. соли 1153. Муаллифи китоби машҳури "Милал ва ниҳал") ва Насириддини Тӯсӣ (ваф. соли 1273) ба асарҳои Ибни Сино шарҳу тафсирҳо навиштанд ва андешаҳои ӯро идома доданд.

Ибни Сино бо мутафаккири бузурги ҳамасри худ Абӯрайҳон Берунӣ, ки дар Академияи Маъмун ба фаолияти илмӣ машғул будааст, сӯҳбатҳо ва ҳамкориҳои илмӣ доштааст. Ибни Сино бо асарҳои безаволи худ илму фан ва мадани-

[5] Сайид Ҳусайн Наср. Се ҳакими мусалмон. Тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон: "Ширкати саҳҳомии китобҳои ҷайбӣ", 1371. – С.23.

яти халкҳои Осиёи Марказиро дар  пешгоҳи илму тамаддуни башарӣ қарор дод. Ба хотири ҷойгоҳи баланде, ки дар илмҳои гуногун доштааст, мардуми Машриқзамин Абӯалӣ ибни Синоро бо унвонҳои “Шайхурраис”, “Ҳуҷҷат ул-Ҳақ” ва “Шараф ул-мулк” ном бурдаанд.

Баъзе аз асарҳои Ибн Сино 20 ҷилдро, баъзе аз онҳо  18 ҷилдро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, “Ал-Қонун”-и ӯ аз 125 ҷузъи чопӣ иборат аст. Китоби фалсафии ӯ бо номи “Донишномаи алоӣ”, ки ба забони форсии тоҷикӣ таълиф шудааст,  ба панҷ соҳаи илм – мантиқ, табиатшиносӣ, илми ҳайъат (астрономия), мусиқа ва илоҳиётшиносӣ тааллуқ дорад.

Андеша ва осори ин абармарди олами илм беш аз ҳазор сол аст, ки мавриди омӯзиш ва таҳқиқи бани башар гардида ва ин ҷараён то кунун идома дорад. Инак, дар канори рисолаҳо ва мақолаҳои бешуморе, ки дар бораи зиндагӣ ва андешаву осори Абӯалӣ Сино дар нукоти мухталифи дунё аз сӯйи донишмандони милали гуногун нигошта шудаанд, ин рисолаи кӯчак, вале арзишманди бародари донишманд ва худшиносу дилогоҳи мо – Абдуҷаббор Умаров, ки зодаи Самарқанди қандманданду дар риштаи таърих таҳсилоти олии худро фаро гирифта ва солҳост, ки ба фаъолиятҳои сиёсиву иҷтимоъӣ ва иқтисодӣ машғуланд, ҷой хоҳад гирифт. Мо ин дӯст ва бародари нуктасанҷ ва фарохназари худро бо ин иқдоми сутуданӣ, ки тӯҳфае ба муносибати 1040 мин солгарди таваллуди ҳакими беназири Машриқзамин – Абӯалӣ ибни Сино хоҳад шуд, муборакбод мегӯем ва умедворем, аз ин ба баъд ба забони равони модарӣ силсилаи арзишманде аз сӯйи он кас дар ин замина навишта мешавад.

**Ҷаъфар ХОЛМӮЪМИНОВ,**
*доктори улуми фалсафа (Ph.D), узви Иттиҳоди нависандагони Ӯзбекистон, раиси Маркази миллӣ ва фарҳангии тоҷикони Ӯзбекистон*

# МУҚАДДИМА

Мутафаккири бемисоли Машриқзамин, нобиғаи беҳамтои таърихи ҷаҳон Шайхурраис Абӯалӣ Ҳусайн ибн Абдуллоҳ ибни Сино парвардаи муҳити фарҳангии Сомониён буд. Вале қисми зиёди умри вай пас аз фурӯпошии давлати мутамаркази Сомониён дар гирдоби ҳодисаҳои мудҳиши нимаи аввали асри XI сипарӣ гардид. Ӯ гоҳ чун табибу файласуф, баъзан ба сифати фақеҳу вазир, ҳатто замоне чун маҳбус умр ба сар бурд, чун надими хосси подшоҳону маликон низ рӯзгор гузаронид. Аммо ӯ лаҳзае аз омӯзиш ғафлат наварзида, аз пажӯҳиш ва корҳои илмӣ фориғ набуд.

Баръакси бисёр бузургони гузашта, ки аз зиндагии онҳо маълумоти дақиқе дастрас нест, санаҳои зиёде аз рӯзгори Абӯалӣ ибни Сино маълум аст. Рӯзгор ва саргузашти Сино ба дасти шогирди вафодораш Абӯубайди Фақеҳии Ҷузҷонӣ навишта шудааст. Воқеаву ҳодисаҳои 25 соли охири умри Синоро Абӯубайд, ки ҳамеша ҳамроҳи устод ва шоҳиди рухдодҳо буд, навиштааст, ки ин имло ва навишта бо номи “Рисолаи саргузаш” маълум буда, ба забони арабӣ ва тарҷума ба забонҳои гуногун чандин бор ба табъ расидааст.

Ибни Сино дар зиндагӣ шебу фарозҳои бисёр, гирифториҳои сиёсии фаровоне дид, аз компрониву хотирҷамъиҳо, ташвишу гирифториву гурезогурезу сарсониву азобҳои зиндониаш бештар буд. Бо вуҷуди ин ҳама бо нерӯи қавии ҷисмонӣ ва рӯҳие, ки дошт, сар аз мутолиъа ва таҳқиқу таълиф берун накард, бо қувваи ҳайратангезе ба навиштани осори илмӣ дар соҳаҳои фалсафаву тиббу табиъиёт машғул мешуд.

Абӯалӣ дар ҷаҳон аз пурмаҳсултарин олимон ва адибон эътироф гаштаает. Фаъолияти эҷодии вай аз 17-18 солагиаш дар солҳои 996-997 шурӯъ шуда, 40 сол давом кардааст. Ӯ осори насриву назмиашро ҳам ба арабӣ ва хам ба тоҷикӣ эҷод кардааст. Сабаби бисёре аз асарҳои худро ба забони арабӣ навиштани Абӯалӣ он аст, ки забони арабӣ дар он замон ҳамчун забони илму маданияти олами ислом шинохта шуда буд. Ҳамчунин китобҳои зиёди илмию ахлоқии юнонӣ, ибронӣ, ҳиндӣ ва паҳлавӣ ба забони арабӣ тарҷума шуда, истилоҳоте, ки мафҳумҳои илмиро ифода мекарданд, дар ин забон устувор гардида буданд. Забони арабӣ барои

ҳамаи донишмандони асрҳои X-XI фаҳмо буда, дарси мадрасаҳо ба ин забон мегузашт.

Шахсияти илмӣ ва фарҳангии Ибни Сино ҳанӯз аз даврони худи мутафаккир ва то замони мо аз мавқеъҳои мухталиф мавриди баҳс ва пажӯҳиш қарор гирифта, дафтари таърих аз арзёбиҳои боадолатона ва гоҳе ғаразнок моломол мебошад. Аз ҷумлаи чунин арзёбиҳои боадолатона ва ба мақом ва мартабаи илмии Шайхурраис мувофиқ гуфтори Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар "Чаҳор мақола" мебошад: "Чаҳор ҳазор сол буд, то ҳукамои аввоил (яъне юнониён) ҷонҳо гудохтаанд ва равонҳо дарбохтанд, то илми ҳикматро ба ҷой фуруд оранд, натавонистанд. То баъд аз ин муддат ҳакими мутлақ ва файласуфи аъзам Аристотолис ин накд (илм) - ро ба қистос (тарозуи росту дақиқ)-и мантиқ бисахт (санҷид) ва ба маҳакки ҳудуд накд кард ва ба микёл (ченак) - и қиёс бипаймуд, то шакку райб (шубҳа) аз ӯ бархост ва мунаққаҳ (тоза, пок) ва муҳаққақ гашт ва баъд аз ӯ дар ин ҳазору панҷсад сол ҳеҷ файласуф ба кунҳ (моҳият) - и сухани ӯ нарасид ва бар ҷодаи сиёқати ӯ нагузашт, илло афзал – ул - мутааххирин, ҳаким-ул-машриқ, ҳуҷҷат-ул-ҳақ ала-л-халқ Абӯалӣ ал-Ҳусайн ибни Абдулло ибни Сино. Ва ҳар кӣ бар ин ду бузург эътироз кард, хештанро аз зумраи аҳли хирад берун овард ва дар силки аҳли ҷунун тартиб дод ва дар ҷамъи аҳли атаҳ (аблаҳон) ҷилва кард. Эзид Таборак ва Таъоло моро аз ин ҳафавот (лағзишҳо) ва шаҳавот нигоҳ дорад, биманниҳи ва лутфиҳи (бо марҳамат ва лутфаш)".[6] Мо агар ин ҳикояти Низомии Арӯзии Самарқандиро бо мероси баҷойгузоштаи Шайхурраис ва мавзӯи дар ин мақола арзёбишаванда қиёс намоем, ба ин хулоса мерасем, ки ӯ баъди Арасту дар таърихи илми ҷаҳонӣ аз мутафаккиронест, ки ҳамеша таваҷҷӯҳи ҳаводорону мухолифонро ба худ ҷалб кардааст.

Ибни Сино дар соҳаҳои гуногуни илм асарҳои ҷовидона эҷод кардааст, ки бархе аз онҳо ба забонҳои тоҷикию русӣ ва забонҳои дигари ҷаҳон тарҷума шуда, роҷеъ ба ҷаҳонбинии илмӣ ва фалсафии ӯ мақолаю гузоришҳо ва китобу монографияҳои зиёд дар ховаршиносии ҷаҳон ва маҳаллӣ ба чоп расида, мақом ва манзалати ӯ то дараҷае дар ин ҷода арзёбӣ ва муайян гардидааст. Вале ҳанӯз ҳам бархе аз осо-

[6] Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. / Бо эҳтимоми Муҳаммад Муъин. – Теҳрон. 1376 ш. с.114 - 115.

ри гаронбаҳояш дар соҳаҳои мушаххаси илму фарҳанги тоҷик ва бавижа, дар арабшиносии илмӣ мавриди тарҷума ва таҳқиқу баррасӣ қарор нагирифта, ҷойгоҳ ва хидматҳои ӯ дар ҳадди лозим муайян нагардидааст.

Асарҳои безаволи Ибни Сино – ситораи тобони осмони тафаккур ва тамаддуни башарӣ, файласуфи доиратулмаъорифии олами Ислом на танҳо ба тараққиёти илми тибби ҷаҳон хидмат кард, балки барои рушду ривоҷи илмҳои фалсафа, илоҳиётшиносӣ, мантиқ, ахлоқ, астрономия, математика, физика, биология, химия, зоология, мусиқа, адабиётшиносӣ ва ғайра низ таъсири бениҳоят бузург гузошт.

## МУХТАСАРИ РӮЗГОРИ ИБНИ СИНО

Абуалӣ ибни Сино дар соли 980 (соли 370 ҳиҷрии қамарӣ) дар деҳаи Афшонаи ноҳияи Хурмисан (Ҳурметан)-и Бухоро дар хонаводаи Абдуллоҳ ва Ситорабону ба дунё омад.

Падари Абуалӣ – Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино ном дошт ва аслан аз аҳли Балх буд. Вай дар замони Нӯҳ ибни Мансур (976-997) аз Балх ба Бухоро омад ва дар деҳаи Афшана (Рометани имрӯза) ба кори мулкӣ шуғл варзид. Вай дар деҳаи Афшана бо Ситорабону ном деҳқондухтар хонадор шуд. 18-августи соли 980 дар ин оила писаре ба дунё омад, ки ӯро Ҳусайн ном ниҳоданд. Номи пурраи ӯ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино мебошад. Ӯ дар соли 980 дар деҳаи Лақ-Лақа (Афшонаи ҳозира), дар шаҳри Бухоро дар оилаи тоҷик ба дунё омадааст. Падари ӯ Абдуллоҳ марди бомаърифате буд ва бо фирқаи исмоилиён дар он замон ошноии наздик дошт. Хонаи ӯ маҳалли ҷамъомади донишмандону фозилони давр буд.

Баъд аз ба дунё омадани Ҳусайн Абдулло ҳамчу ҳокими яке аз вилоёти амири Сомониён Нӯҳи II ибни Мансур кор мекард. Аз ин рӯ писарашро дар мактабҳои беҳтарини Бухоро хонондааст. Ибни Сино, ки ҳофизаи қавӣ ва ақлу тамизи бениҳоят дошт, ки дар синни чаҳордаҳсолагӣ тавонистааст аз муаллимони худ гузар кунад.

Соли 985 вақте ки Ибни Сино ӯ ба синни панҷсолагӣ мерасад, оилаи онҳо аз Афшана ба Бухоро кӯчид. Абдуллоҳ, ки

аз шахсони фозил ва маърифатдӯст буд, Ҳусайнро ба мактаб монд. Вай аз панҷсолагӣ то даҳсолагӣ дар мактаб хонда, хату савод баровард, сарфу наҳви забони арабиро омӯхт, илмҳои адабро аз худ кард. Ба илмҳои адаб, яъне адабиёт, бар замми сарфу наҳв хаттотӣ, маъонӣ, қироат, арӯз, қофия, луғат, имло, услубшиносӣ ва амсоли инҳо дохил мешуданд. Ниҳоят, Ҳусайн Қуръонро омӯхта онро ҳифз намуд.

Минбаъд Ибни Сино лақаби Шайхро гирифт, зеро дар он замон ҳар касеро, ки Қуръонро аз ёд мекард, сарфи назар аз синну солаш шайх мегуфтанд. Сипас, Абдуллоҳ писари худро аз мактаби ибтидоӣ гирифта, назди муаллимони хусусӣ гузошт, ки онҳо асосҳои илмро ба ӯ омухтанд. Ибни Сино аз ҷиҳати ҷисмонӣ бенуқс, дар ҳусну хулқ зебо буда, зеҳни бурро ва истеъдоди баланд дошт, ки аз ин омӯзгорон ба ҳайрат мемонданд. Дар он овон Ҳусайнро падараш назди Абдуллоҳи Массоҳ, ки аз донишмандони соҳаи ҳисобу ҳандаса буд, ба шогирдӣ гузошт. Ибни Сино аз устодаш дар андак вақт ҳисобу ҳандасаро омӯхта, дар омӯзиши ин илм муваффақ шуд. Бар замми ин Ибни Сино дар назди Исмоили Зоҳид ду сол ба омӯхтани тафсири Қуръон, ҳадиси пайғамбар ва фиқҳ мепардозад. Ба ҳамин тариқ, ӯ то 12 солагӣ дар тафсир, ҳадис ва фиқҳ маҳорат пайдо кард. Вай ҳамеша чун беҳтарин толибилм эътироф мегашт. Шеваи баҳс, одоби музокира, тарзҳои эътироф ба ҳариф ва ҳусни муҳовараро нағз омӯхта буд. Истиқлоли фикр, вусъати андеша ва бодалел сухан рондан хоси ин навҷавони дар роҳи илм пешрав буд. Дар масъалаҳои маслаку мафкура у истиқлоли худро ҳатто аз падари хеш ҳам нигоҳ медошт. Баъди фаро гирифтани маълумоти миёна Ибни Сино аз пайи такмили донишу маърифат гашт.

Ибни Сино то 15-солагӣ илмҳои табииёт, илоҳиёт, фалсафа, ҳикмати илоҳӣ, нуҷум, мусиқии назарӣ, геометрия, математика ва амалиро мустақилона омӯхта, дар 16-солагӣ ба омӯхтани илми тиб машғул шуд.

Абӯалӣ илми тибро аз Абумансур Ҳасан Камарии Бухороӣ, ки табиби дарбори Нӯҳ ибни Мансур буд, омӯхт. Аслан омӯзиши илми тибро у дар 12-солагӣ шурӯъ карда буд, вале ба маслиҳати Абусаҳли Масеҳӣ аз идомаи таҳсил худдорӣ намуда, чанде таваққуф намуд. Ба ҳамин тариқ, Абӯалӣ дар 16-солагӣ чун як табиби ҳозиқ дар тамоми Бухоро шинох-

та шуд. Ҳамчунин ба такмили дониши худ дар соҳаи илми фиқҳ, мантиқ, фалсафа, табиатшиносӣ, риёзиёт ва илми илоҳӣ баргашта, дар муддати якуним сол донишу малакаи худро дар ин самт мукаммал намуд. Абӯалӣ шахси ниҳоят пуркор, ҷидди ва меҳнатдӯст буд. Нафақат ақли расо ва қобилияти баландаш боиси пешрафти илми ва маънавии ӯ мешуд, балки кӯшиши амиқ, сабру тоқат ва ҷаҳду талошҳояш низ воситае буд, ки пирӯзӣ ва комёбиҳои маънавии ӯро таъмин мекард. Доир ба таҳсили илм мегуяд: *"Ягон шаб пурра нахуфтаам ва рӯзона ба ҷуз омӯхтани илм ба коре машғул нашудаам"*.

Абдуллоҳ ба таълим ва тарбияти писараш эътибори вижае медод, кӯшиш мекард, ки устодони забардасти илмро барои таълими ӯ сафарбар намояд.

Абӯалӣ аз даврони кӯдакӣ дар Бухоро ба омӯзиши илмҳои филологӣ ва динӣ машғул шуд, дар даҳсолагӣ Қуръони карим ва сарфу наҳви арабиро фаро гирифт, пас аз он дар назди Абӯабдуллоҳи Нотилӣ илмҳои фалсафа ва мантиқро омӯхт, ба омӯзиши илмҳои риёзӣ машғул шуд. Сипас, ӯро ба муаллиме доданд, ки ба вай илмҳои ҳисоб ва ҳандаса (геометрия)-ро омӯзонад. Баъд дар назди фақеҳи машҳури Бухоро Исмоили Зоҳид илми фиқҳ – ҳуқуқи исломиро омӯхт. Дар баробари илми фиқҳ забону адабиёти арабро низ фаро гирифт ва ин ба ӯ имкони таълифу тасниф ва хуб баён кардан ба забони арабиро дод. Вақте ки дар ин илмҳо устод шуд, дар назди Абӯсаҳли Масеҳӣ ба ёд гирифтани илмҳои табиъиёт (физика), мобаъдуттабиъа (метафизика) ва тиббиёт машғул гардид.

Абӯалӣ то 18-солагӣ тамоми донишҳои расмӣ ва ғайри расмии замони худро фаро гирифта, пешсафи бузургтарин олимони маъруфи давр эътироф гардид. Шайхурраис худ эътироф мекунад: *"Чун ба 17-солагӣ расидам, аз омӯхтани ҳамаи ин илмҳо фориғ шудам. Он рӯз дар илм беҳтарин ҳифзкунанда будам, имрӯз пухтатар шудам, вагарна илм як хел буда, аз он чизе дар ман дигаргун нашудааст"*.

Абӯалӣ Сино дар синни бистсолагӣ ба дараҷаи ҳакиме ҳозиқ расид ва дар ҳамин синн ба муолиҷаи дарди шоҳи Сомонӣ Нӯҳ бинни Мансур муваффақ гардид. Ҳамин муолиҷа сабаб шуд, ки ба дарбори Сомониён роҳ ёбад ва аз китобхонаи давлатӣ, ки дар он рӯзгор аз китобхонаҳои би-

сёр бузурги ҷаҳон ба шумор мерафт, баҳра бардорад. Вале фишору бесарусомониҳои сиёсӣ дар Мовароуннаҳр дар натиҷаи афзойиши қудрати Маҳмуди Ғазнавӣ, зиндагиро барои Сино дар зодгоҳаш душвор сохта буд. Ғайр аз амирони Сомонӣ, амирони Хоразм низ ӯро ҳимоя мекарданд. Аз ин рӯ, Ибни Сино ба Хоразм рафт ва дар дастгоҳи ҳукумати Хоразмшоҳ ва вазири донишмандаш Абулҳасан Суҳайлӣ обрӯву эътибори баланд ёфт. Бино бар маълумоти Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Султон Маҳмуди Ғазнавӣ аз Хоразмшоҳ Абулаббоси Маъмун ибни Маъмун дархост кард, ки чанд тан аз донишмандони дарбори худ, аз ҷумла, Ибни Синоро ба дарбори вай фиристад. Чанд нафар аз онҳо, аз ҷумла, Абӯрайҳони Берунӣ ба ин розӣ шуданд, аммо Ибни Сино ва донишманде бо номи Абӯсаҳли Тустарӣ аз хидмат дар дарбори Ғазнавиён саркашӣ карданд.[7] Вақте, ки одамони Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба ҷустуҷӯйи Ибни Сино афтоданд, вай аз тарси ин ки дар дарбори ӯ хидмат кунад, бо он донишманд фирор кард ва ба сӯи ҳукмдорони Оли Зиёр роҳии Гургон ва Табаристон гардид,[8] "дар соли 303 ҳиҷрӣ пас аз рӯ ба рӯ шудан ба сахтиҳои зиёд, ки сабаби марги чанд тан аз ҳамроҳони вай шуд, аз регзори шимоли Хуросон убур кард,ю Бино ба гуфтаи манобеъи мӯътабар пеш аз он ки ба Ҷурҷон бирасад ва чунон ки орзӯ дошт, то Қобус бинни Вушмгирро, ки  ҳомии номдори илму адаб буд, мулоқот кунад, аз сӯфӣ ва шоири шаҳир Абӯсаъиди Абулхайр дидан кард".[9] Вале ҳанӯз ба мақсад нарасида буд, ки фармонравои Гургон Шамсулмаолӣ Қобус бинни Вашмгир кушта шуд. Ибни Сино бо ҷонишини ӯ Манучеҳр – писари Қобус, ки дастнишонда ва домоди Султон Маҳмуд буд, наметавонист созиш кунад[10] ва дар натиҷа Абӯалӣ озими диёри Дайламон гардид ва аввал ба Исфаҳон, сипас ба  Рай рафт. Вале ин сафарҳо низ зиёд тӯл накашид, зеро, бино бар маълумоти Хондамир, "дар он вақт, ки Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ба

[7] Шарафиддин Хуросонӣ, Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ, Тақии Биниш, Алиризо Ҷаъфарии Нойинӣ. Абӯалӣ Сино. Зери назари Козим Мӯсавии Буҷнурдӣ. – Теҳрон, 1388. – С.13.

[8] Ҳамон китоб, ҳамон ҷо.

[9] Сайид Ҳусайн Наср. Се ҳакими мусалмон. Тарҷумаи Аҳмади Ором. – С.23-24.

[10] Шарафиддин Хуросонӣ, Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ, Тақии Биниш, Алиризо Ҷаъфарии Нойинӣ. Абӯалӣ Сино. – С.13.

тарафи Ироқ рояти офтоби ишроқ барафрошт, шайх (яъне Ибни Сино) аз Рай ба Қазвин ва аз Қазвин ба Ҳамадон шитофт". Дар ин миён Шамсуддавла – амири Ҳамадон ба бемории қуланҷ дучор шуд. Ибни Синоро ба кохи вай бурданд ва ӯ ба муолиҷа пардохт, то Шамсуддавла сиҳат ёфт. Ибн Сино 40 рӯзро дар кох гузаронид ва дар поёни муолиҷа ҳадяҳои фаровон гирифт ва аз наздикони Шамсуддавла гардид. Ибни Сино дар ин ҷо як муддат бо хотири осуда машғули таълиф гардид. Дар соли 1015 Шамсуддавла ба қасди тасарруфи мулки Аноз, ки аз ҳамсояҳои дуртари ӯ буд, лашкар кашид ва дар ин юриш Ибни Сино ҳамроҳи ӯ буд. Вале шикаст хӯрду ба Ҳамадон бозгашт. Дар ҳамон ҳангом буд, ки Шамсуддавла Ибни Синоро вазири худ таъйин намуд. Аммо ин ҳам чандон тӯл накашид, ҳасудону бадхоҳон ба тӯҳматҳо кардан дар ҳаққи ӯ пардохтанд. Дар миёни Ибни Сино ва сипоҳиёни Шамсуддавла, ки таркибе аз пиёданизоми дайламӣ ва саворанизоми турк буданд, даргирӣ рӯй дод. Сипоҳиён, ки аз шикаст хӯрдан аз ҷанги Аноз асабонӣ шуда буданд, шояд аз Ибни Сино эҳсоси хатар мекарданд, аз Шамсуддавла куштани ӯро талаб карданд. Аммо Шамсуддавла ба ин розӣ нашуд ва бо дур кардани Ибни Сино аз ҳукумат, онҳоро ором кард. Ибни Сино муддати 40 рӯз дар хонаи марде бо номи Абӯсаъд ё Абӯсаъид бин Дахдул (ё Дахдук) паноҳ бурд. Дар ин миён Шамсуддавла дубора ба касалии қуланҷ гирифтор шуд ва Ибни Синоро даъват карда аз ӯ бисёр пӯзиш пурсид. Ибни Сино дубора ба муолиҷаи вай пардохт, то беҳбудӣ ёфт. Шамсуддавла бори дуввум Ибни Синоро вазир таъин кард. Бино бар маълумоти шогирди Сино – Ҷузҷонӣ, Шамсуддавла дар ин миён аз Сино хоста буд шарҳе бар асарҳои Аристотел (Арасту) бинависад. Аммо Ибни Сино ба вай гуфта буд, ки фурсат ва фароғате барои ин кор надорад, вале агар вай розӣ шавад, китобе дар бораи донишҳои фалсафӣ (бе рад кардан ё мавриди баҳсу мунозира қарор додани нуқтаи назари мухолифон) хоҳад навишт. Ҳамин тариқ, таълифи китоби машҳури худ – "Шифо"-ро аз "Табиъиёт" (физика)-и он оғоз кард. Вай китоби "Ал-Қонун" дар илми пизишкиро пеш аз ин китоб таълиф карда буд. Аз ин бармеояд, ки дар ин давра Ибни Сино зиндагонии нисбатан орому осудае доштааст. Зеро, ба қавли Ҷузҷонӣ, Ибни Сино рӯзҳоро бо кори вазора-

ти Шамсуддавла мегузаронид, шабҳо донишҷӯён ба гирди ӯ ҷамъ омада дар ҳузури ӯ китоби “Шифо” ва “Қонун” мехонданд.

Пас аз вафоти Шамсуддавла (бар асари бемории қуланҷ) писари ӯ Самоуддавла Абулҳасан ба муддати ду сол фармонравои Ҳамадон шуд, вале Ибни Сино аз вазифаи вазирӣ истеъфо дод. Пас аз он Алоуддавла ба сари ҳокимияти Ҳамадон омад. Дар ин давр давлати Оли Бувайҳ рӯ ба таназзул мениҳод. Мулк хароб мешуд. Ибни Сино ҳам аз кори давлат даст кашиданро салоҳ донист ва ба ин мақсад як муддат дар хонаи марде бо номи Абӯғолиби Аттор паноҳ бурд ва дар ҳамон ҷо ба навиштани идомаи китоби “Шифо” машғул шуд ва дар охир ба навиштани бахши “Мантиқ”-и он шурӯъ намуд.

Зоҳиран, дар ин миён Алоуддавла Абӯҷаъфар Муҳаммад бинни Душманзор (Душманзиёр), ки аз хешовандони дури Оли Бувайҳ буд, ҳукмфармои Исфаҳон таъйин гардида буд, бо Ибни Сино мукотиба оғоз намуда ва хостааст, ки ӯро ба дарбори худ даъват кунад. Бино бар гузориши Ибни Асир, пас аз он ки Ибни Сино бори дуввум аз вазорати Шамсуддавла сар кашида буд, Тоҷулмулки Кӯҳӣ вазири ӯ гардид ва Ибни Синоро муттаҳам кард, ки бо Алоуддавла мукотибаи ниҳонӣ дорад. Душманони Сино ба ӯ кӯмак карданд ва Шайхро аз пинҳонгоҳаш, ки хонаи Абӯғолиб буд, ёфта дастгир намуданд ва ба қалъаи Фардҷон (Фароҳон) фиристоданд. Сино дар қалъаи Фардҷон, ки дар 15 фарсангии Ҳамадон воқеъ буд, муддати 4 моҳ зиндонӣ шуд. Дар ин миён дар ҷанге, ки миёни Самоуддавла писари Шамсуддавла ва Алоуддавла воқеъ шуда буд, Самоуддавла шикаст хӯрд ва таслим шуд. Вале Алоуддавла ӯро ҳамчунон гиромӣ дошт ва ҳар ду аз пайи Тоҷулмулки хоин, ки сарлашкари курдҳо шуда ва исён карда буду пас аз шикаст хӯрдан дар ҷанг, дар қалъаи Фардҷон паноҳ бурда буд, омада ӯро таслим намуданд ва Ибни Синоро бо худ гирифта ба Ҳамадон баргаштанд. Сино дар хонаи марде алавӣ меҳмон шуд ва дар ҳамон ҷо бақияи қисми “Мантиқ”-и китоби “Шифо”-ро таълиф кард ва бахшида ба номи Шарифуссаъид Абулҳусайн Алӣ бин Ҳусайн ал-Ҳасанӣ, ки шояд ҳамон мизбони алавӣ бошад, рисолаи “Адвияи қалбия”-ро навишт. Сипас, бо шогирди содиқаш Ҷузҷонӣ ва ду ғулом, бо либосҳои сӯфиёна ба Исфаҳон сафар кард ва ба деҳае бо номи Тирон (ё

Теҳрон ё Табарон) дар наздикии Исфаҳон расид. Дӯстонаш ва надимони Алоуддавла аз омадани ӯ бохабар шуда бо ҳадяҳои бисёр ба пешвози вай омаданд. Вай дар Исфаҳон дар хонаи марде бо номи Абдуллоҳ бин Бибӣ дар маҳаллае бо номи Кӯйи Гунбад зиндагӣ кард ва дар он ҷо, ки шароити хубе фароҳам оварда шуда буд, ба навиштани асарҳои дигари худ машғул шуд. Баъд, то соли 1033 даврони тақрибан чаҳордаҳ-понздаҳсолаи осудаву ороми Сино оғоз гардид. Вай аз ин фурсат истифода бурда асари машҳури худ "Шифо"-ро бо бахшҳои "Мантиқ", "Маҷастӣ", "Уқлидус", "Риёзиёт" ва "Мусиқӣ" ва чанд асари дигари худро ба поён расонид.[11]

Вақте ки Алоуддавла ба тарафи Ҳамадон ҳаракат кард, Ибни Сино низ ҳамроҳаш равонаи ин шаҳр гардид, вале дар роҳ бемор шуд. Ҳакиме, ки ба дарди ҳама беморон шифо мебахшид, худ ба бемории сахте (қуланҷ) дучор шуд, ба гунае, ки аз шиддати дард аз худ бехуд мешуд, вале сабру таҳаммул мекард. Кору талошҳои бардавом, фишорҳои рӯҳӣ, азобу уқубатҳои чандинсолаи зиндон, муҳоҷиратҳои зиёд ба саломатии Абӯалӣ Сино бетаъсир намонд ва дар ниҳояти кор вай дар шаҳри Ҳамадон ба соли 1037 (428 ҳ.қ.) дар синни 57-солагӣ дунёи фониро абадан видоъ гуфт. Оромгоҳи ӯ низ дар ин шаҳр воқеъ шудааст.

## МЕРОСИ ИЛМӢ ВА АДАБИИ ИБНИ СИНО

Чунон ки аҳли илм эътироф кардааст, Ибни Сино донишманди беназири соҳаҳои гуногуни илм буд. Вай тақрибан дар тамоми навъҳои илму дониши замони худ асарҳои арзишманд таълиф кардааст. Бар асоси асарҳои ӯ низоми ҷаҳонбинӣ ва ҳамчунин таркиби донишҳоро метавон муайян кард.

Муҳаққиқон шумораи асарҳои илмиву адабии Ибни Синоро беш аз 450 асар медонанд, ки мутаассифона, аз он миқдор дар натиҷаи бемеҳриҳои қисмат, тохтутозҳои ғоратгарону душманиҳои нотавонбинон фақат чанд асари ӯ боқӣ мондаасту халос. Ба қавли дигаре, "адади таълифоти Ибни

[11] Шарафиддин Хуросонӣ, Фатҳуллоҳ Муҷтабоӣ, Тақии Биниш, Алиризо Ҷаъфарии Нойинӣ. Абӯалӣ Сино. – С.16.

Сино, ки агар рисолаҳои кӯчак ва номаҳоро низ ба шумор биёварем, ба 250 болиғ мешавад. Тақрибан, муштамил бар ҳамаи мавзӯъотест, ки дар қуруни васатӣ мешинохтаанд. Бештари ин осор ба забони арабӣ навишта шуда ва ба ндрат дар миёни онҳо таълиф ба забони форсӣ ҳам вуҷуд дорад., монанди "Донишномаи Алоӣ", ки нахустин китоби фалсафаи навишташуда ба забони форсист. Равиши нависандагии арабии Ибни Сино дар нахустин осораш душвор аст ва якдаст нест. Танҳо дар муддати иқомати дароз дар Исфаҳон буд, ки чун навиштаҳои вай мавриди интиқоди коршиносон дар адабиёт қарор гирифт, ба таҳсили забони адабии арабӣ пардохт ва равиши нависандагии ӯ сайқал хӯрд ва комил шуд. Китобҳое, ки пас аз ин давра аз зиндагӣ таълиф кардааст ва махсусан "Ал-Ишорот ва-т-Танбеҳот" гувоҳ бар ин тағйир аст". [12]

Асарҳои то ба имрӯз омада расидаи Ибни Сино монанди "Аш-Шифо", "Ан-Наҷот", "Уюн ул-ҳикмат", "Ал-Қонун", "Ал-Ишорот ва-т-Танбеҳот", "Донишномаи Алоӣ", "Рубоиёт", "Ҳай ибни Яқзон", "Саломон ва Абсол", "Рисолаи машриқия" ва "Ал-Урҷузаҳу фи-т-тибб" худ далели ақлу заковати беназири ин нобиғаи беҳамтои таърихи тамаддуни башарӣ мебошанд.

Бино бар иттилоъоти манбаъҳои таърихӣ, дар байни Ибни Сино ва Абӯрайҳони Берунӣ саволу ҷавобҳои зиёде ба миён омадааст. Аммо то ба имрӯз аз он ҳама саволу ҷавобҳо, ки эҳтимол меравад, хеле бештар бошад, танҳо 18 тоаш маълум аст. Ин саволу ҷавобҳоро Ибни Сино ба ду гурӯҳ тақсим мекунад:

1. Саволҳо бар зидди Арасту. Ин гуна саволҳо 10 тоанд.
2. Саволҳое, ки ба қавли Ибни Сино, Берунӣ дар ҳалли онҳо мушкилӣ кашидааст. Ин гуна саволҳо 8 тоанд. Зоҳиран, ин саволҳо ду вақт ирсол шудаанд.

Бинобар ҷавобҳо маълум мешавад, ки Ибни Сино ба нуқтаи назари Афлотун, Арасту, Абӯнасри Форобӣ, Абӯбакри Розӣ ва Берунӣ мухолиф будааст. Ин на танҳо саволу ҷавоби ду мутафаккири барҷаста, балки бархӯрди ду ҷараёни фикрии он даврон низ мебошад.[13]

[12] Сайид Ҳусайн Наср. Се ҳакими мусалмон. Тарҷумаи Аҳмади Ором. – С.26.

[13] Беруний билан Ибн Синонинг савол-жавоблари. – Т., Ўзбекистон Фанлар Академияси, 1950. – С.3.

Ин рисола чунин оғоз меёбад: “Ибни Сино гуфт: Ин рисолаест, ки ман дар ҷавоби масъалаҳое, ки Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмад Берунӣ аз Хоразм фиристодааст, навишта будам”.[14] Аз ин маълум мешавад, ки ин асар низ ба қалами Ибни Сино тааллуқ дорад. Дар асар аввал масъалае, ки ба таври савол дода шудааст ва пас аз он ҷавоби Абӯалӣ Сино оварда мешавад.

Бидуни шак, аз миёни осори барҷоймондаи Ибни Сино, китобҳои “Аш-Шифо” ва “Ал-Қонун” ҷойгоҳи хоссе доранд.

Осори Абӯалӣ ниҳоят зиёд аст. Аз рӯйи тадқиқ ва ҳисоби донишманди машҳури эронӣ Саид Нафисӣ (1896-1966) миқдори асарҳои Абӯалӣ, ки алҳол маълум шудааст, ба 456 мерасад. Дар китобхонаҳои давлатӣ ва шахсии олам 162 асари у нигоҳ дошта мешавад. Аз ҷумла 23 асари вай бо забони модариаш, яъне тоҷикӣ эҷод шудааст. Ҳамчунин як миқдор шеърҳои тоҷикии Абӯалӣ низ ба замони мо расидаанд. Асарҳои Абӯалӣ аз ҷихати ҳаҷм хеле гуногун буда, аз рисолаҳои мухтасар то асарҳои чандинҷилда иборат мебошад. Асари “Китоб ул-инсоф”, ки аз байн рафтааст, дар 20 ҷилд, “Ал-ҳосил вал-маҳсул” дар 20 ҷилд, “Китоб аш-Шифо” дар 18 ҷилд, “Лисон ул-араб” дар 10 ҷилд, “ дар 5 китоб, “Ан-Наҷот” дар 3 ҷилд эҷод шудаанд. Кулли ин осор, ки зикрашон рафт, дар инкишоф ва такомили улуми мавҷуда нақши сазовор гузошта, то кунун ба арзиши бузурги таърихӣ, маданӣ ва илмӣ моликанд. Тамоми асарҳои ӯро метавон ба 4 гуруҳ тақсим кард:

1. Асарҳои доир ба ҳикмат, фалсафа ва ахлоқ ва мантиқ.
2. Асарҳо оид ба тиб.
3. Асарҳо доир ба илмҳои дақиқ.
4. Асарҳо роҷеъ ба забону адабиёт ва санъат.

Бисёре аз асарҳои Сино танҳо роҷеъ ба як соҳа ихтисос наёфта, балки чандин илмро фаро мегиранд. Масалан “Донишнома” аз бобҳои Мантиқ, Илоҳиёт, Табиъиёт, Ҳайат ва Мусиқӣ таркиб ёфтааст.

[14] Бируний билан Ибн Синонинг савол-жавоблари. – С.5.

**Нашри асарҳои Ибни Сино бо забони тоҷикӣ:**

• Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 1. – Душанбе: “Ирфон”, 1980. - 477 с.

• Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 2. – Душанбе: “Ирфон”, 1980. - 559 с.

• Абӯалй ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 3. – Душанбе: “Ирфон”, 1985. - 448 с.

• Абӯалӣ ибни Сино. Осори мунтахаб. Ҷилди 4. – Душанбе: “Ирфон”, 1992. - 320 с.

• Абӯалӣ ибни Сино. Қонуни тиб. Китоби 1. – Душанбе, 1991. - 382с.

**Нашри асарҳои Ибни Сино бо забонҳои дигар:**

• Ибн Сина. Даниш-намэ. Книга знания. – Сталинабад, 1957.

• Ибн Сина. Канон врачебной науки : В 5 т. – Ташкент, 1956-1960.

• Ибн Сина. Математические главы «Книги знания». – Душанбе, 1967.

• Ибн Сина. Послание о любви. – Тбилиси: Мецниереба, 1976.

• Ибн Сина. Избранное. — М.: Книга, 1980.

• Ибн Сина. Избранные философские произведения. – М.: “Наука”, 1980.

• Аль-Бируни, Ибн-Сина. Переписка. – Ташкент: “Фан”, 1973.

• Ibn Sina (Avicenne). Le livre de sciences. Trad, par M. Achene et Massé H. -Paris: Belles lettres, 1955. 241 p.

• Ibn Sina (Avicenne). Le livre de sciences. Tome 2. Physique, Mathématiques. - Paris: Belles lettres, 1958. - 276 p.

• Ibn Sina. Remarks and admonition. Part one. Toronto: Pontifical inst. Of Mediaevale, 1984. - 165 c.

• Avicenne (Ibn Sina). Le livre de science. Trad. par Mohammad Achena et Henri Massé. Paris: Les belles lettres, 1986. - 280; 260 p.

• Avicenne (Ibn Sina). Livre des directives et remarques (Kitab al-’isharat wa 1-tanbihat). Traduction, introduction et notes par A.-M. Goichon. - Paris : J.Vrin, 1999. - 552 p.

• Avicenna. The metaphysic of Avicenna. New York: Columbia University press, 1973. XXVII,- 336 p.

**Баъзе таҳқиқот дар хусуси рӯзгор, андеша ва осори ӯ:**

• Ахадова М. А. Арифметическая часть “Книги знания” Ибн Сины. Геометрическая часть “Книги знания” Ибн Сины. // Учёные записки Бухарского госпединститута. – 1964. – № 12.

• Джибладзе Г. Н. Системы Авицены: Абу Али Ибн-Сина. Экзотерический очерк. (Некоторые обобщения и материалы). – Тбилиси, 1986.

• Диноршоев М. Натурфилософия Ибн Сины. – Душанбе, 1985.

• Завадовский Ю. Н. Абу Али Ибн Сина: Жизнь и творчество. – Душанбе, 1980.

• Петров Б. Д. Ибн Сина (Авиценна). – М.: Медицина, 1980.

• Сагадеев А. В. Ибн Сина (Авиценна). – М., 1985.

• Шидфар Б. Я. Ибн Сина. – М., 1981.

• Рахматуллаев Н. Философские взгляды Ибн Сины в книге «Указания и наставления». Душанбе: “Дониш”, 1980. - 91 с.

• Сулаймонов С. О восточной философии Ибн Сины. // Абу Али Ибн Сина (Авиценна). Сочинения. Том 2. - Душанбе: “Дониш”, 2005. - С. 648.

• Болтаев М.Н. Ақидаҳои фалсафии Абӯалӣ ибни Сино. Душанбе: “Дониш”, 1969. 253 с.

• Диноршоев М. Матолиби фалсафаи Ибни Сино. Душанбе, 2011. - 407 с.

• Ниёзӣ Ёрмуҳаммад. Назари муҳаққиқони муосири араб ба фалсафаи Ибни Сино. Душанбе: “Ирфон, 2008. - 318 с.

• Султонов М. Аҳамияти “Рисолаи саргузашт” дар омӯзиши аҳвол ва осори Ибни Сино. – Душанбе: “Дониш”, 1980. - 76 с.

• Султонов М. Саргузашти Ибни Сино. – Душанбе: “Ирфон”, 1993. - 64 с.

• Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе, 1975. - 169 с.

• Султонов У. Муосирони Абӯалӣ ибни Сино. – Душанбе: “Дониш”, 1980. - 127 с.

• Сурат ва сирати Ибни Сино. Душанбе: “Ирфон”, 1980. - 120 с.

• Саидов Н.С. Сопоставительный анализ учений Аристотеля и Ибн Сины о человеке. Автореферат. д.ф.н Душанбе, 2009. - 46 с.

• Семенов А.А. Абу Али ибн Сина. Сталинабад: Таджикгосиздат, 1953. - 63 с.

**Бо дигар забонҳо:**

• Gardet L. La pense religieuse d Avicenne (Ibn Sina). – Paris, 1951.

• Morewedge P. The metaphysica of Avicenna. – London, 1973.

• Nasr S.H. Three Muslim Sages. Avicenna. – Suhrawardi – lbn Arabi. – Cambridge (Mass.), 1964.

• A.J. Arberry, «Avicenna on Theology». – KAZI PUBN INC, 1995. excerpt: «Avicenna was the greatest.

• Ibn Sina («Avicenna») Encyclopedia of Islam. 2 nd edition. Edited by P. Berman, Th. Bianquis, C.E. Bosworth, E. van Donzel and W.P. Henrichs. Brill, 2009. Accessed through Brill online: www.encislam.brill.nl (2009) Цитата: «He was born in 370/980 in Afshana, his mother’s home, near Bukhara. His native language was Persian».

• Carra de Vaux (Baron Bernard). Avicenne (Les grands philosophes). – Paris: Felix Alcan, 1900. 302 p.

• Ismail M. Dahiyat. Avicenna’s commentary on the Poetics of Aristotle. -Leiden: E.J. Brill, 1974. - 126 p.

• Osman Chanine. Ontologie et théologie chez Avicenne. Paris: Maisonneuve, 1962. - 184 p.

• Bakos Jân. Psychologie d’Ibn Sînâ (Avicenne) d’après son oeuvre As-Sifa. -Prague: éd. de l’Academie Tchécoslovaque des sciences, 1956. 245p.

• Bloch Ernst. Avicenne et la gauche aristotélicienne. Traduit de l’allemand par Claude Maillard. Paris: Premières pierres, 2008. - 93 p.

• Carra de Vaux (Baron Bernard). Avicenne (Les grands philosophes). – Paris: Felix Alcan, 1900. 302 p.

• Gardet Louis. La pensée religieuse d’Avicenne (Ibn Sina). - Paris: Vrin, 1951. - 235 p.

# ТАБАҚАБАНДИИ ИЛМҲО АЗ НИГОҲИ ИБНИ СИНО

Агар дар таърихи навишташудаи башарият аввалин касе, ки илмҳоро ба таври мушаххас ва муайян дастабандӣ кардааст, файласуфи Юнони қадим Арасту бошад, Ибн Сино аз аввалин мутафаккирони Машриқзамин аст, ки илмҳоро ба таври нисбатан мукаммалтар табақабандӣ намудааст. Медонем, ки Ибни Сино дар бисёре аз масъалаҳои фалсафӣ аз Арасту сарчашма мегирад. Аз ин лиҳоз, дидгоҳи Ибни Сино дар табақабандии илмҳо низ бар асоси дидгоҳи Арасту сурат гирифтааст.

Бино бар табақабандии Ибни Сино, дар олами илм фанни мантиқ дар ҷойи аввал қарор дорад. Аз ин ҷост, ки "як силсила асарҳои энсиклопедии ӯ – китоби "Шифо", "Донишнома" ва "Наҷот" бо фасл, рисола ва китоби мантиқ шурӯъ шудаанд. Баъд, донишҳо аз ду шохаи асосӣ – табииёт ва илоҳиёт иборатанд".[15]

Аз нигоҳи Арасту ва Ибни Сино, илми фалсафа ба маънои васеъи он замон, аз ду қисм иборат аст:

1. Фалсафаи назарӣ.
2. Фалсафаи амалӣ.

Фалсафаи назарӣ дар навбати худ аз се қисми дигар иборат аст:

а) Баҳс дар бораи маъқулот ва муҷаррадот (баҳси илмҳои илоҳиётшиносӣ ва метафизика).

б) Баҳс дар боби ҷисм аз рӯйи шакл ва миқдор (баҳси илмҳои риёзӣ).

в) Баҳс дар бораи тағйирот ва шаклгири ҷисмҳо (баҳси илмҳои табиӣ).

Фалсафаи амалӣ низ ба се қисм тақсим мешавад:

а) *Илми сиёсат*, ки аҳкомаш ба низоми иҷтимоӣ вобаста аст.

б) *Илми тадбири манзил,* ки ба таъмини ҳаёти рӯзмарраи шахс вобаста аст.

в) *Илми ахлоқ,* ки саодати фардро таъмин менамояд.

Арасту санъат (ҳунар) ва эстетика (зебоишиносӣ)-ро низ шомили илмҳои фалсафӣ донистааст. Аммо Ибни Сино инҳоро ба сабаби ин ки вобаста ба эҳсосоти инсонӣ

---

[15] Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик. – С.22-23.

ҳастанд, навъи илм ҳисоб накардааст. Арасту адаб (филология)ро ҳам навъи илм дониста, вале Ибни Сино монанди файласуфони пешини Шарқ – Ал-Киндӣ (800-860), ва Форобӣ (870-950) дар табақабандии илмҳо дониши адабро умуман сарфи назар кардааст. Аз он ҷо ки медонем, Ибни Сино дониши хуби филологӣ дошт, илми забону адабиёт, балоғат ва фунуни шеъриро хуб омӯхта буд, дар ин соҳаҳо таснифоти хубе ҳам дошт, аммо адаб ва адабиётшиносиро илми мустақил эълон накард. Ба фикри олими эронӣ доктор Манучеҳр, Сино илмҳоро аз ду қисм иборат медонистааст:

- илмҳое, ки барои ҳамаи давру замон ва табиат хос мебошанд;

- илмҳое, ки дар қисмате аз замон ҷорӣ шуда ва дар қисмате сокит мемонанд. Яъне, ин қисмати дуввум на дониш, балки санъат (ҳунар) аст. Ба назари муаллиф, шояд Ибни Сино адабро ба ҳамин гурӯҳи дуввум дохил мекардааст.[16]

## ИБН СИНО – ФАЙЛАСУФ

Бисёр муҳим аст бидонем, ки як файласуф ба дунёи тафаккур чӣ навовариҳоеро ворид кардааст. Мутаассифона, то ҳанӯз панҷоҳ дар сади асарҳои то ба замони мо омада расидаи Ибни Сино чӣ дар Эрон, чӣ дар Тоҷикистону Ӯзбекистон ба чоп нарасида ва мавриди истифодаи умум қарор нагирифтааст. Он асарҳо то ҳол дар шакли нусхаи хаттӣ (бисёре аз онҳо як нусха!) дар китобхонаҳои мухталифи ҷаҳон нигаҳдорӣ мешаванд. Пас, он чӣ ки мо дар бораи ҷаҳони андешаи Ибни Сино тасаввур мекунем, наметавонад мукаммал бошад.

Мо одатан вақте ки дар бораи доираи тафаккури фалсафии Ибн Сино баҳс мекунем, гумон мекунем, ки ӯ ба сифати як файласуфи машшоӣ (ратсионалист, ақлгаро) пайрави Аристотел – Арастуи юнонӣ буда ва ҳамон масъалаҳоеро, ки асрҳо пеш Арасту баён кардааст, дубора такрор намуда ва ё чанд масъаларо ҳам дар ҳошияи он масъалаҳои арастуӣ илова кардааст. Ин гуна тасаввур дар бораи Ибн Сино тамоман нодуруст ва ғалат аст. Агар мо чунин як тасаввуре дар

[16] Ҳамон ҷо. – С.23.

бораи Ибни Сино дошта бошем, маълум мешавад, ки мо ӯро умуман нашинохтаем. Ибни Сино аз бисёр ҷиҳатҳо аз Арасту чанд сару гардан болотар аст. Дуруст аст, ки ӯ бисёр масъалаҳоро аз Арасту гирифтааст, аммо дар ҳаллу фасли он масъалаҳо аз Арасту афзалтар будани худро нишон додааст. Албатта, дар ин ҷо саволе ба миён меояд, ки ин чӣ тавр, як инсон масъаларо аз касе бигирад, аммо аз ӯ бахтар ҷавоб ёбад? Фарз кунем, инсони шарифе фарзанд дорад, аммо мумкин аст он фарзанд дар кмолоти маънавӣ аз падари худаш болотар шавад. Ибни Сино ҳам ҳамин хел. Бо ин ки вай ҳамчун Абӯнасри Форобӣ фарзанди маънавии Арасту ҳисоб мешавад, дар ҷавоб ёфтани бисёре аз масъалаҳое, ки Арасту хомӯш монда ё ҷавоби қонеънашавандае дода, нисбат ба ӯ мумтозтар ва боэътимодтар аст. Мо намедонем, ки Арасту дар асарҳои худ дар ҳаллу фасли масъалаҳо аз кадом манбаъҳои илмӣ истифода бурдааст, аммо каму беш медонем, ки Ибни Сино дар таълифи асарҳои фалсафии худаш ба кадом манбаъҳои илмӣ муроҷиъат кардааст. Дар ҳоле ки намедонем Арасту аз киҳо истифода бурдааст, хаёл мекунем, ки ӯ ҳама афкори фалсафиашро аз пеши худ баён кардааст. Дар сурате, ки ин хел нест, зеро ӯ мумкин аст бисёр масъалаҳои фалсафиро аз устодаш Афлотун ё Суқрот гирифта бошад. Вақте ки ин хел ҳаст, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки Ибни Синоро шарҳдиҳанда ёки тақлидкунандаи фалсафаи Юнон хонад. Ибни Рушд асарҳои зиёде дорад, вале ҳамааш тарҷума ё шарҳи асарҳои файласуфони Юнони қадим аст. Ба ҳамин далел, ӯро метавон шарҳдиҳанда ёки тақлидкунандаи фалсафаи Юнони қадим хонем. Вале асарҳои шарҳии Ибни Сино кам аст ва агар ҳам бошад, мухтасар аст.

Дар таърихи фалсафа аз файласуфони пешин баҳра бурдани як файласуфи баъдӣ ҳолати табиӣ ҳисоб меёбад. Фикрҳои илмии як файласуф барои файласуфе, ки баъд аз худаш дунболи он масъалаҳо мегардад, метавонад манбаъи муҳиме бошад. Зеро ҷараёни инкишофи тафаккури башарӣ силсилавор сурат мегирад ва ин силсила дар ҳоли пайваста ва вобаста ба ҳам будан идома меёбад.

Дар таърихи фалсафа як қатор масъалаҳо ва пурсишҳое ҳастанд, ки мо онҳоро пурсишҳои ҷовидонӣ мегӯем. Чунки ин пурсишҳо фақат хоси як давраи муайяни тараққиёти

ҷамъият нестанд, балки вобаста ба тамоми давру замонҳои башарият мебошанд. То инсон ҳасту ҷамъият ҳасту тафаккури фалсафӣ вуҷуд дорад, ин масъалаҳо ва пурсишҳо ҳамеша ба миён гузошта мешаванд. Ибн Сино ҳам ҳамон пурсишҳои ҷовидонаи башарро аз сари нав ба сифати масъала ба миён мегузорад ва ба ҳаллу фасли онҳо мепардозад. Шогирдаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ аз забони Ибни Сино менависад:

"Агар бихоҳӣ таълиф бикунам, назароти худамро менависам ва агар бихоҳӣ шарҳ бикунам, танҳо он чиро назди ман мушаххас ба исбот расидааст, баён мекунам".[17]

Абӯалӣ Сино вақте ки дар хонаи Абӯғолиби Аттор паноҳ оварда буд, ӯро садо кард ва гуфт: "Коғаз биёвар ва ҳамон шаб як ҳаштум рууси матолиби "Шифо" ва ду рӯзи дигар бидуни ин ки китобе пеши ӯ бошад, бақияи рууси китоби "Шифо"-ро ба итмом расонд. Матолиб ва масоили фалсафаро дар зеҳн ҳозир дошта ва дар зеҳн ҳазм карда ва хонда буд".[18]

Ибни Сино аз бачагӣ ба тафаккури фалсафӣ ва мантиқӣ майлу рағбати фавқулодда дошт. Ба устодони худ ҳамеша саволҳои фалсафӣ медод ва дар бисёр мавридҳо онҳоро мулзам мекард. Масалан, ба ин гуфтугӯ, ки байни Синову устоди ӯ Нотилӣ ба миён омадааст, эътибор диҳед:

Устод: Дар бурҷи Асад чанд ситора мавҷуд аст?

Ҳусайн: Аввал ***тарв аст***. Сипас, ду ситора аст. Якумаш Асад аст, ки ба даҳони шер монанд аст. Дуввумӣ Саратон аст. Арабҳо ин ҳар дуро ба ду чашми шер монанд кардаанд.

Устод: Бисёр ҳарф назан! Ҳафт асоси Вуҷудро ба ман бигӯ.

Ҳусайн: Холиқ, Махлуқ, Ақли кулл, Нафси кулл, Ҳаюло, Увло, Замон ва Макон.

Устод: Ҳафт муқарраб киҳоянд?

Ҳусайн: Набӣ, Имом, Басит, Ҳужжат, Боб, Доӣ, Мустаҷиб.

Устод: Офарин! Хуб хондаӣ!

Ҳусайн: Хондам, аммо қалбам ором нагирифт.

---

[17] Нигоҳ кунед: Ғуломризо Аъвонӣ. Мақоми Ибни Сино дар таърихи фикри башар. / Ҳакими ҳазораҳо. – Теҳрон: "Бунёди илмӣ ва фарҳангии Бӯалӣ Сино", 1388. – С.32.

[18] Ҳамон ҷо. – С.33.

Устод: Асрори дилатро нагӯ. Ҳақиқати аҳком дар чист?

Ҳусайн: Ҳақиқати аҳком дар ботини оятҳост, аммо эй забардаст, аммо барои ба ботин роҳ ёфтан, аз зоҳир бояд гузашт. Ман дорои суратам ва зоҳирам ҳам маълум аст. Анбиё, ки ба воситаи Ҷаброил ба оламу одам мепайванданд, зоҳирашон пинҳон нест. Пас, ба мо чӣ расад? Аҳком ҳам зоҳир дорад ва ҳам ботин, ворид шудан ба ботини аҳком барои мо чиз дигаре ғайр аз сурат нест.

Устод: Тамоми гуфтаҳои ту, ба назари ман дар доираи Вуҷуд, берун аз доираи таълимоти соҳиби рисолаи “Илми ибсир” Абу Абдуллоҳи Нотилӣ аст. Боз чӣ суол дорӣ?

Ҳусайн: Пеш аз пайдо шудани олам Офаридгор ба чӣ коре машғул буд?

Устод: Чӣ мегӯӣ?! Ин чӣ суолест, ки ба ман медиҳӣ?!

Андешаҳои фалсафии Ибни Сино дар бораи Ибни Сино ҳастии Худоро эътироф мекунад, Ӯро манбаъ ва Сабаби аввали ҳастӣ медонад. Аз нигоҳи Ибни Сино ҷисмҳои мавҷуд дар олам аз таркиби чаҳор унсури аслӣ – хок, об, ҳаво ва оташ, ки бо ҳамдигар робитаи ногусастанӣ ва узвӣ доранд, ташкил ёфта ва ин чаҳор унсур ба ҳамдигар таъсир мерасонанд. Аз ҳамин чаҳор унсур унсурҳои дигар ба вуҷуд меоянд ё нест мешаванд. Аммо моҳияти аслии ин чаҳор унсур, ки асоси чизҳои дигар аст, ба таври куллӣ тағйир намеёбад ва аз байн намеравад. Аз ин чаҳор унсур дутоаш сабук, дутоаш вазнин аст. Сабукҳояш ҳаво ва оташ, вазнинҳояш хок ва об мебошанд.

Навиштаҳои фалсафии Ибни Сино иборат аст аз шоҳкори ӯ дар фалсафаи машоӣ (ратсионалӣ) – “Китоб аш-Шифо”, ки муфассалтарин доъиратулмаъориф (энсиклопедия)-и илмист, ки дар ҳамаи забонҳо ва дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон ба дасти як нафар навишта шудааст. “Китоб ан-Наҷот” хулоса ёки фишурдаи “Китоб аш-Шифо” аст. Ҳамчунин ба ғайр аз китоби “Уюн ул-ҳикмат”, ва “Ал-Ишорот ва-т-Танбеҳот” ва як силсила асарҳои хурд дар боби метафизика, илми нафс ва ҷаҳоншиносӣ дорад, ки низ ба ҷанбаҳои гуногуни фалсафа дахл доранд.

Аз дидгоҳи Ибни Сино, табиъат азалӣ ва абадӣ аст, қонунҳои он худ ба худ тағйир намеёбанд ва инсон ба дарки ин қонуниятҳо қодир аст. Мавҷудияти ҷон бо фаъолияти тан ташхис дода мешавад.

Ибни Сино фалсафа, хусусан назарияи маърифатшиносиро низ ба таври фаъол таҳқиқ кардааст. Ибни Сино предметҳои олами моддиро манбаъи ҳиссиётҳо дониста, табиъати объективии онҳоро ба унвони олами моддии зоҳирӣ баррасӣ мекунад. Ба ғайр аз ин вай ҳиссиётро ба сифати яке аз хоссаҳои материя эътироф менамояд. Аллома ҳиссиётро бо шаклҳои олии материя вобаста мекунад. Ибни Сино чизҳои мавҷудро тасниф намуда хоси ҳайвонот будани ҳисро таъкид менамояд.

## ИБН СИНО – АХЛОҚШИНОС

Масъалаи ахлоқи шахс ва ҷамъият тақрибан дар тамоми осори илмиву адабии Ибни Сино ба таври мушаххас мушоҳида карда мешавад. Аз ҷумла, “дар асарҳои ӯ аз қабили “Ал-Қонун” ва “Китоб ун-наҷот” низ ба масъалаҳои тарбият ва ахлоқ аҳамият дода шудааст. Дар китоби “Наҷот” боби алоҳидае ба баёни усулҳои тарбияти кӯдакон бахшида шудааст”.[19]

Ибни Сино ҳамонанди Аристотел барои кӯмак кардан ба раванди худшиносии одамон ва ба камоли маънавӣ расидани аҳли ҷамъият ба масъалаҳои ахлоқшиносӣ муроҷиат кардааст.

Аз нигоҳи Ибни Сино, илми табобатро берун аз таъсири рӯҳӣ-педагогӣ тасаввур кардан имконнопазир аст. Зеро беҳтарин шифо ба воситаи таъсири рӯҳӣ ба амал меояд. Аммо ин гуна таъсир танҳо аз тарафи касе имконпазир мешавад, ки олами маънавияш ғанӣ бошад. Аз нигоҳи ӯ инсони ориф – инсоне, ки худро ва оламро шинохтааст, боҷасорат, саховатманд, дур аз ҳирсу ҳаво ва ба мардум меҳрубон аст. Дарҳақиқат, инсони бомаърифат ва бомаънавият инсони боирода ва дар роҳи амалӣ намудани ғояҳои инсонпарварона устувор мешавад. Касби маърифату маънавият табиъист, ки танҳо ба воситаи тарбияти солим ва дуруст муяссар мегардад. Аз ин ҷост, ки Ибни Сино ба масъалаи тарбият ва усулҳои он эътибори ҷиддӣ медиҳад.

Ибни Сино мазмун ва моҳияти тарбиятро ба 5 қисми асосӣ тақсим мекунад:

[19] Обиджон Муҳаммадёров. Ибн Сино фалсафий-ахлоқий меросининг жаҳон фалсафаси тарихидаги ўрни. – Т.: “Янги нашр”, 2018. – Б.6.

1. Тарбияти ақлӣ-фикрии инсон.

2. Тарбияти ахлоқи инсон.

3. Тарбияти эстетикӣ (зебоишиносӣ).

4. Тарбияти тиббӣ, ки ба тарбияти бадании инсон хидмат мекунад.

5. Тарбияти кӯдак, ба меҳнатдӯстӣ ва касбу кор ҳидоят намудани кӯдак.[20]

Ибн Сино дар маркази аксари асарҳои фалсафӣ (аз ҷумла, "Шифо") ва тиббии худ (аз ҷумла, "Ал-Қонун", Анначот") масъалаи ахлоқро мегузорад. Дар асарҳои дигари ӯ аз қабили "Ал-бирр вал-исм" ва "Саломон ва Абсол" низ масъалаи ахлоқ ҷойгоҳи муҳим дорад. Рисолаҳои хурди ӯ чун "Рисола фил-ахлоқ" ва "Илм ал-ахлоқ" бевосита ба илми ахлоқ ихтисос ёфтааст.

Ибни Сино дар китоби "Рисола фил-ахлоқ" ду масъалаи муҳими ахлоқӣ – яке *фазилат* ва *нуқсон,* дигаре мақсадҳои ахлоқро мавриди тадқиқ ва баррасӣ қарор дода, навъу намудҳои онро нишон медиҳад. Дар қисмати "Муқаддима"-и рисолаи мазкур Ибни Сино чунин мегӯяд: "Ҳар кас, ки ба донистан таваҷҷӯҳ дошта бошад ва ба фазилатҳову усулҳои касби он соҳиб шудан, ба воситаи онҳо рӯҳияти худро мусаффо кардан ва нуқсонҳои худро бартараф намудану аз он нуқсонҳо раҳоӣ ёфтанро хоҳад, фазилатҳои ниҳоят зарур ва муносибро бояд интихоб намояд. Зеро дар табиати инсон ҳақиқате ниҳон аст, ки барои дар ин ва он дунё ба саодату камол расидани ӯ имкон медиҳад".[21]

Ибни Сино қувваи фикркунанда (дианоэтикӣ) яъне, фазилатҳои вобаста ба ақл ахлоқияти вобаста ба рӯҳиятро аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ҳар дуи ин қувва ба инсон табиатан дода нашудаанд, балки худи инсон онҳоро касб мекунад.

Ибни Сино монанди Аристотел намудҳои гуногуни фазилат ва нуқсонҳоро меомӯзад, умумиятҳо ва хусусиятҳои хоси онҳоро нишон медиҳад. Аз мулоҳазаҳои ӯ маълум мешавад, ки ҳар касе, ки раҳбар шудан хоҳад, пеш аз ҳама рӯҳияти худро бояд пок кунад. Зеро, танҳо касе, ки бар рӯҳияти худ ғолиб аст, метавонад раҳбар шавад ва шаҳр ё давлатро идора кунад.

---

[20] Ҳамон ҷо. – Б.6.

[21] Абуали ибн Сина. Избранное. Том 2. Рисола фи-л-ахлоқ. – Душанбе-Ашгабад, 2003.

Аз нигоҳи Ибни Сино, бидуни касби илм ҳеҷ гуна сиёсат ва раҳбарият қобили тасаввур буда наметавонад. Бинобар ин мулоҳиза, Ибни Сино ба ин хулоса меояд: агар илм ба назария такя кунад, боз ҳам арзишмандтар мегардад. Ба илм бо ду роҳ метавон даст ёфт: якум, бо роҳи *шинохтани худ,* дуввум, бо роҳи *шинохтани дигарон.* Ба фикри ӯ, ҳар касе, ки мехоҳад худро бишносад, бояд соҳиби ақл ва рӯҳ будани худро маърифат кунад. Агар ӯ дар байни ақл ва рӯҳи худ мувозинат ва ҳамоҳангиро ба вуҷуд оварда натавонад, ин ду асос то охири умр дар ҳоли зиддият ва мухолифат қарор мегиранд. Барои ҳамин шахс бояд тамоми амал ва ҳаракатҳои ақлу рӯҳи худро таҳти назорат бигирад. Тобеъияти рӯҳ ба ақл танҳо ба воситаи маърифати фазилат ва нуқсонҳо имконпазир мегардад. Ибни Сино онҳоро мувофиқи қувватҳои инсонӣ ба се гурӯҳ тапқсим мекунад: *қуввати эҳтирос, қуввати ғазаб, қуввати фикркунанда* (ақл). Аз нигоҳи ӯ ин се фазилат ба гурӯҳи нуқсонҳо зиддият нишон медиҳанд. Аз миёни фазилатҳо муҳимтаринаш *адолат* ҳисоб меёбад. Ибни Сино ба мафҳуми *адолат,* ки маҷмӯаи қувваҳои камолдиҳанда ҳисоб мешавад, фазилатҳоеро аз қабили саховатмандӣ, мӯътадилӣ, қаноатмандӣ, олиҷанобӣ, покдоманӣ, накӯкорӣ ва бахшандагиро ворид мекунад.

Ибни Сино дар "Рисола фи-л-ахлоқ" қувваи эҳтиросии фазилатро ба се гурӯҳ тақсим мекунад: 1) покдоманӣ ва росткорӣ; 2) саховатмандӣ; 3) мӯътадилӣ. Сабркорӣ, пинҳонкорӣ, ва дарундорӣ мутааллиқ ба қувваи ғазаб мебошанд. Ибни Сино доноӣ, покӣ, равшанӣ, ҳушёрӣ, фаросатмандӣ, эҳтиёткорӣ, ироданокӣ, вафодорӣ, меҳрубонӣ, раҳмдилӣ, ғайратнкӣ, шармгинӣ ва хоксориро ба қувваи фарққунанда (ақлӣ) тааллуқ медонад. Аз нигоҳи Ибни Сино, покизагии ахлоқӣ худдорӣ карда тавонистани инсон аз эҳтиросҳои ҳиссии худ аз қабили гурусначашмӣ ва ҳою ҳавасҳои нафсонӣ чун пурхӯрӣ, алоқаҳои зиёди ҷинсӣ ва идора карда тавонистани онҳо иборат мебошад. Мӯътадилӣ ҳолатест, ки инсон дар истифода бурдани воситаҳои ҳаётӣ ҳадди миёнаро нигоҳ медорад ва аз меъёр намегузарад. Фазилати саховатмандӣ ин аст, ки инсон қувваи худро тобеъи ақли худ мекунад ва сарвату неъматҳои дар ихтиёри худ бударо бедареғ, бо дасткушодӣ ба мӯҳтоҷон сарф менамояд.

Сабру қаноат, олиҳимматӣ, меҳрубонӣ, раҳмдилӣ, бахшандагӣ, пинҳондорӣ ва ҳоказоҳоро Ибни Сино ба гурӯҳи дуввуми истеъдодҳои табиӣ, яъне, ба қувваи ғазаб ва нуқсон дохил мекунад.

Аз нигоҳи Ибни Сино, ҳолатҳое аз қабили истодагарӣ бар зидди азобу уқубатҳои ҳаёт, нишон додани ҷасорат ва мардонагӣ барои ҳимояи шаъну номуси зан ба ҷумлаи хислатҳои ғазаб дохил мешаванд.[22]

Ибни Сино ба масъалаи фазилатҳои рӯҳӣ ҷавоб ҷуста монанди Арасту ба ин хулоса меояд, ки фазилатҳои рӯҳӣ интихоби зиёдатӣ ва эҳтиёҷ байни хулқу атвор ва ва ҳиссиёт аст: "Дар ин масъала он чӣ ки ба инсон мутааллиқ аст, ин аст, ки бояд инсон он фазилатҳоро ба худ касб кунад ва аз ҳар нуқсоне, ки бо ҳар як аз ин фазилатҳо зид аст, парҳез намояд. Зеро бисёре аз ин фазилатҳо дар байни нуқсонҳои мавҷуда қарор мегиранд ва ҳар як фазилат дар байни ду нуқсон вуҷуд дорад. Масалан, аз ҳад гузаронидан *ифрот,* аз ҳад зиёд мӯҳтоҷ будан *тафрит* мешавад...".

Агар аз ҳамдигар фарқ кардани одамонро бино бар хулқу атвор, темперамент, қобилиятҳо, эҳтиёҷот ва дигар хусусиятҳояшон ба назар бигирем, дар ин мулоҳизаи Ибни Сино мафҳуми "васат" (миёна) фақат ба релятивизми ахлоқӣ ва нисбият асос ёфтааст, гуфта наметавонем. Зеро ӯ ба ҷиҳатҳои умумии хислатҳои инсонӣ ва дар зоти худ ягона будани табиати инсонӣ низ ишора мекунад. Агар саволе аз қабили "ҳамон "миёна"-ро, ки ба ҳар як инсон хос аст, чӣ гуна муайян метавон кард?" пайдо шавад, бино бар таълимоти Ибни Сино метавон ҷавоб дод, ки дар муайян кардани "миёна", ки ба ҳар як инсон хос аст, қабл аз ҳама бояд худи он муайянкунанда ё доно бошад, ё ба ҳарфи марди донишманд гӯш кунад. Фазилатнинг алоҳида белгиси сифатида "ўрта" деганда, Ибни Сино "миёна"-и марбут ба ҳиссиёт ва ахлоқро ба сифати нишонаи фазилат дар назар медорад: "Покдоманӣ аз як тараф дар байни чашмгуруснагӣ, ҳирс ва нуқсонҳое мисли ин ва аз тарафи дигар дар байни вазининиву бепарвоӣ қарор дорад".[23]

Бино бар таълимоти ахлоқии Ибни Сино, аксари фазилат ва нуқсонҳо тахти таъсири муҳити беруна ба вуҷуд

[22] Нигоҳ кунед: Абуали ибн Сина. Избранное. Том 2. Рисола фи-л-ахлоқ. – Душанбе-Ашгабад, 2003.

[23] Ҳамон китоб.

меоянд, зеро шаклгирии фазилат ва нуқсонҳо ба тарбият, одат, таҷриба ва маҳорат пайдо кардан қатъиян вобаста аст. Ба ақидаи ӯ, ҳамчунон одобу ахлоқ асосан бо ду роҳ: одат кардан ва фикр кардан шакл мегирад. Вай аз ҷумла мегӯяд: "Моҳияти ин масъала дар ин аст, ки ба инсоният табиатан қудрате инъом шудааст, ки бо такя ба он ба корҳои нек ё бад даст мезанад. Ҳамаи хулқу атвор хуб аст. Хулқи бад дар натиҷаи омилҳои беруна пайдо мешавад ва дар натиҷаи он инсоне, ки метавонад корҳои хубро анҷом диҳад, ба корҳои бад даст мезанад (гарчӣ ин табиатан ба ӯ дода нашудааст). Аммо вақте ки рӯҳи ӯ бо хулқи хуб мепайвандад, бо хоҳиши худ ба хулқи хуб, ки зидди хулқи бад аст, рӯ меоварад. Дар натиҷа инсон феълу атворе, ки ба ӯ хос нест, соҳиб мегардад, рӯ ва хулқу атвори ӯ ба ҳамдигар мепайвандад ва ин ҳолат тадриҷан ба одат табдил меёбад. Вақте ки ***одат*** мегӯем, ман пайи ҳам такрор шудани ягон чиз ё ҳодисаро дар дар фосилаи кӯтоҳ ва дар давоми муддати дароз мефаҳмам".

Ибни Сино асосан ба орзӯ, хоҳиш, майл ва иродаи инсон, ҳамчунон ба низом ва шароитҳои иҷтимоӣ, муносибатҳои ҳукмдори вақт ба раъияти худ вобаста будани фазилатҳоро нишон медиҳад. Аз ин рӯ вай ҷиҳатҳои монанд ва умумӣ дар байни мафҳумҳои "санъат" (ҳунар) ва фазилатро мавриди муқоиса қарор медиҳад. Бино бар таъкиди ӯ, фазилатҳои хуб ба ҳаракатҳои фазилатнок узван вобастаанд: "Хулқи зебо, ҳамчунон хулқи зишт ҳам айнан аз хулқ ҳам айнан одатҳо ба вуҷуд меоянд. Бино бар ин, агар мо ба амалҳои бад одат карда бошем, бар асари ҳамон одатҳои худ ба хулқи қабеҳ соҳиб мешавем. Баръакс, агар ба амалҳои хуб одат карда бошем, бино бар ҳамон одатҳои хуб ба соҳиби хулқи ҷамил мегардем. Ин ҳолатро дар касбу кори одамон низ метавон мушоҳида кард. Масалан, санъати тиҷоратро одамон фақат баъд аз тоҷири соҳибтаҷриба шудан касб мекунанд. Мисли ҳамин, агар инсон ба тоҷири беқобилият тақлид кунад, ҳаргиз наметавонад тоҷири ботаҷрибае шавад. Ба унвони исботи ин метавон ҳукмдорон ва арбобони бузурги сиёсатро, ки ба халқи худ некӣ мекунанд, мисол зад. Ҳукмдорони мустабид ва арбобони бадкирдори сиёсат халқи худро ба бадӣ ва ваҳшоният раҳнамун мешаванд".[24]

[24] Нигоҳ кунед: Абуали ибн Сина. Избранное. Том 2. Рисола фи-л-ахлоқ. – Душанбе-Ашгабад, 2003.

## ИБН СИНО – ДОНИШМАНДИ ИЛМҲОИ ТИБ

Ибни Сино рисолаҳои хурди бисёре дар заминаҳои табиъиёт, дорушиносӣ ва илми нафс таълиф намудааст. Илми нафс аз нигоҳи фалсафаи машоӣ "фалсафаи табиъат" дониста мешуд. Илми тиб мисли фалсафа, ҳамеша мадди назари Ибни Сино будааст. Ҳатто дар китоби "Шифо"-и Сино, ки дар маҷмӯъ як асари бузурги фалсафист, ҷо-ҷо ба масъалаҳои тиб пардохта мешавад. Метавон гуфт, ки Ибни Сино чунон ки дар осори роҷеъ ба тиббаш ба масоили фалсафӣ пардохта, ҳамчунон дар асарҳои фалсафиаш ба масъалаҳои тиб низ пардохтааст. Тибби ӯро аз фалсафа, фалсафаи ӯро аз тиб наметавон ҷудо кард. Ин ҳар ду ончунон ба ҳамдигар омехта гардида, ки дар маҷмӯъ илми воҳидеро ташкил додаанд.

Бегумон, бузургтарин асари тиббии Ибни Сино ҳамон "Ал-Қонун" аст, ки шояд дар таърихи илми тибби ҷаҳон беназир бошад. Ин китоб то ҳол дар бисёре аз мамлакатҳои Шарқ ба сифати китоби дарсӣ омӯхта мешавад.

"Ал-Қонун" бори аввал ба забони лотинӣ аз ҷониби Герарди Кремони (1114-1187) ва бо фармоиши Фридрих Барбарос тарҷума гардида, дар таърихи илми ҷаҳонӣ аз назари шумораи чопҳо бо "Инҷил" рақобат дошт. Матни лотинии он дар соли 1473 ба чоп расида, матни арабии он дар Рим дар матбааи Медичи соли 1593 ба табъ расида, дар асри XV дар давоми сӣ сол 15 маротиба ба забони лотинӣ ва ба сурати умум чиҳил бор ба табъ расидааст, дар ҳоле Ҷолинюсро дар ҳамин давра як бор чоп кардаанд.[25]

Чопи аз ҳама мукаммали "Ал-Қонун" ба Племпи дар соли 1658 тааллуқ дорад. Дар солҳои баъдӣ тарҷумаи ин асар байни солҳои 1934 - 1961 аз рӯйи дастхати арабии асри XII, ки дар шуъбаи ленинградии Институти ховаршиносии АИ СССР маҳфуз аст, бо ҷалби иловагии дастхати Булоқ (Қоҳира) дар соли 1877 ба забони русӣ тарҷума гардидааст[26] Чопи нави интиқодии "Ал-Қонун" дар Донишгоҳи илм ва технологияи шаҳри Қоҳира аз ҷониби мутахассисони соҳа ва бо ҷалби дастхатҳои нави "Ал-Қонун" дар Китобхонаи миллии Миср ва бо истифода аз дастхатҳои аврупоӣ омо-

[25] "Ал-Қонун фи-т-тиб" ли Аби Али ал-Ҳусайн ибни Сино ал-мутаваффа санат 428ҳ., ал-ҷузъ ал-аввал. – Қоҳира, 2012, с.30.

[26] Ниг: Абу Али Ибн Сино. Канон врачебной науки.Т.1,в 10 томах. – Ташкент,1996, с. 21.

да шуда, хато ва камбудиҳои ҷойдошта аз роҳи муқоисаи илмӣ ислоҳ гардида, муҳаққиқон ғайр аз ислоҳи калима ва ибораҳо дар поварақ истилоҳоти тиббиро ба забони лотинӣ низ овардаанд, ки ин амр тарҷумаи истилоҳоти асарро хело осон месозад. Ба сурати умум, метавон гуфт, ин чоп аз комилтарин ва боэътимодтарин чопҳои нави “Ал-Қонун” баъди асри бист мебошад ва барои бозназарии тарҷумаҳои нави  ин асари нодир дорои аҳамияти хосса мебошад. Асар дар шаш ҷилд дар байни солҳои 2012-2015 дар Донишгоҳи улум ва технологияи шаҳри Қоҳира бо ин унвон ба табъ расидааст.[27]

## ИБНИ СИНО - ҶОМЕЪАШИНОС

Абӯалии ибни Сино дар бораи адолати иҷтимоӣ изҳори назар намуда, аввалин шуда, зарурати фардикунонии мансабдорони давлатиро таъкид кардааст. Бино бар андешаи ӯ як шахс дар як вақт наметавонад ҳам низоми идории шаҳрро бар ӯҳда дошта бошад ва ҳам низоми идории деҳро. Дар чунин сурат ҳуқуқҳои инсонҳо поймол мегарданд, зеро шаҳр барои қонеъ гардонидани талаботи худ нерӯи муайянро доимо талаб дорад ва деҳ сарвари муносиби худро бояд дошта бошад. Гузашта аз он дар чунин сурат як шахс бар манфиати худ сӯйистифода аз мансаб намуда, ҳуқуқҳои мардумро поймол хоҳад намуд. Аммо дар масъалаи конунгузорӣ Сино ҷонибдори он аст, ки як мақоми қонунбарор метавонад ҳам барои танзими низоми шаҳр ва ҳам барои танзими низоми деҳ қонун қабул намояд. Ба назар чунин мерасад, ки ин табиби бузург аз илми сиёсат ва ҳуқуқ низ хуб огоҳӣ дошта, аввалин шуда назарияи тақсимоти ҳокимиятро дар Шарқ пайрезӣ намудааст.

## ИБНИ СИНО – ДОНИШМАНДИ ИЛМИ ЗООЛОГИЯ

“Китоб ул-ҳайвон” яке аз бахшҳои асосии илмҳои табиатшиносии асари доиратулмаорифии Шайхурраис  “Китоб уш-шифо” меюошад, ки аз назари мазмун ва муҳтаво

[27] “Ал-Қонун фи-т-тиб” ли Аби Али  ал-Ҳусайн ибни Сино ал-мутаваффа санат 428ҳ.. –  Қоҳира, 2012-2015.

ба асари дигари доиратулмаъорифии ӯ дар соҳаи тибби қадим "Ал-Қонун фӣ-т-тиб" пайванди ногусастанӣ дорад. "Китоб ул-ҳайвон" бо вуҷуди бузургии ҳаҷму мазмун ва аҳамияти басо илмӣ ва истилоҳоти хоса ҳанӯз мавриди таваҷҷуҳи донишмандон қарор нагирифтааст, ҳарчанд ин асар на танҳо аз нигоҳи илмҳои табиатшиносӣ, балки аз назари эҷоди истилоҳоти илмии соҳаи байторӣ ва илми ҳайвон дар таърихи илм ва фалсафаи тоҷик ва исломӣ камназир мебошад. "Китоб ул-ҳайвон" фанни ҳаштум ва охирини "Китоб уш-шифо" буда, аз "Китоби илоҳиёт" - и Ибни Сино аз ҷиҳати ҳаҷм калонтар аст ва бахши асосии илмҳои табиатшиносии «Китоб уш-шифо»-ро ташкил медиҳад. Ин китобро шогирди андешаманд Абуубайди Ҷузҷонӣ дар феҳристи осори ӯ дар "Сирати Шайх" чунин шарҳ додааст: Китоби маъруф ба "Аш-Шифо", ба истисноӣ китобҳои наботу ҳайвон, ба анҷом расид. Вале ин ду китобро дар соле, ки Алоуддавла оҳанги Собурхост намуд, дар роҳ тасниф намуд.[28] Ҳамин фикрро сарчашмаҳои дигар аз ҷумла: ал-Қифтӣ дар"Ал-Ахбор-ул-уламо би ахбор ал-ҳукамо" (Қоҳира, бе соли нашр); Ибни Аби Усайбиъа дар "Уюн ул-анбо фӣ табақот ал-аттибо" (Бейрут, 1981), Яҳёи Маҳдавӣ дар "Нусхаҳои мусаннафоти Шайхурраис" (Теҳрон,) ва Ҷурҷ Қанавотӣ дар "Муаллафоти Ибн Сино" (Қоҳира, 1955) зикр кардаанд. Донишманди шинохтаи мисрӣ Иброҳим Мадкур, ки дар табъу нашр ва тарғибу ташвиқи осори Ибни Сино ва махсусан "Китоб уш-шифо" хидмати бузург ва саҳми арзишманд дорад, роҷеъ ба ин асар ва аҳамияти он дар фарҳанги исломӣ дар муқаддимаи "Китоб ул-ҳайвон" гузориши пурмуҳтаво навиштааст.[29]

Аз назари сохтор ва мазмун "Китоб ул-ҳайвон" аз нуздаҳ мақола иборат буда, мақолаҳо ба фаслҳо тақсим мешаванд, ки дарозтарин мақолаи китоб мақолаи сездаҳум буда, аз понздаҳ фасл иборат мебошад. Шайхурраис дар ин тақсимбандӣ ба гумони ғолиб ба се китоби Арасту: "Таърихи ҳайвон ё табоеъи ҳайвон", "Аъзои ҳайвон" ва "Пайдоиши ҳайвон" дар тарҷумаи арабии онҳо, ки то замони мо расидаанд, пайравӣ намудааст. Ӯ дар «Китоб-ул-ҳайвон" матолиби илмӣ ва маводро бар хилофи равиши илмии одатии

[28] Абуалӣ Ибни Сино. Осор. Ҷ.1. – Душанбе, 2005. – С.165.

[29] Аш-Шифо-ат-табиъиёт, ал-Ҳайвон, роҷаъаҳу ва қаддама лаҳу Иброҳим Мадкур. – Қоҳира, 1980. Муқаддимаи "Китоб ул-ҳайвон", с.Ъайн.

худ  чун Арасту дар чанд ҷой мавриди арзёбӣ қарор додааст.[30] Осори ба ҳайвонот бахшидаи Арасту бо се номгӯй: “Таърихи ҳайвон ё табоеъи ҳайвон” (дар даҳ мақола), “Аъзои ҳайвон” (дар чаҳор мақола) ва “Пайдоиши ҳайвон” (дар панҷ мақола) дар тарҷумаи Ибни Батриқ ба забони арабӣ то замони мо расидаанд. Дар маҷмӯъ, ин се асар аз нуздаҳ мақола иборат буда, аз назари табақабандии илмӣ бо ҳамдигар  муртабитанд. Ибни Сино асари худро дар як китоб ва дар пайравӣ ба  ин ҳар се асари Арасту таълиф ва табақабандӣ карда, ин нуктаро дар муқаддимаи “Китоб ул-ҳайвон” чунин ишора кардааст: “Акнун дар бораи “Китоб ул-ҳайвон” сухан  гуфта, дар шарҳу баёни  тамоми матолиби ин китоб Муаллими Аввалро - ба ҷуз ташреҳи инсон - пайравӣ мекунем”.[31]

Се асари ба ҳайвонот бахшидаи Арасту аз калонҳаҷмтарин асарҳои ӯ дар миёни осори табиатшиносии Муаллими Аввал мебошанд ва чунонки Иброҳим Мадкур дар муқаддимаи “Китоб ул-ҳайвон”-и Ибни Сино ишора мекунад, Арасту дар ин се асар дар бораи бештар аз панҷсад навъи ҳайвонот, хусусиятҳо, одату ахлоқи онҳо маълумотҳои пурқимат овардааст, ки бешак, ӯро асосгузори илми “Зоология” мешуморад.[32]

Тибқи таҳлили ин асари Ибни Сино чунин натиҷа ҳосил мешавад, ки ӯ ҳангоми таълиф асосан ба Арасту такя карда, аз маводи осори ӯ ба сурати фаровон истифода бурдааст, махсусан бахше, ки ба ҳайвон тааллуқ дорад. Вале дар бахши инсон, чунонки  муҳтавои асар дарак медиҳад, Ибни Сино на танҳо аз Арасту истифода накардааст, балки дар бисёр ҳолатҳо бо ӯ ва дигар табибони Юнон чун Буқрот, Ҷолинюс ва дигарон дар баробари эътирофи фазилаташон бо онҳо ба баҳс  пардохта, ақидаҳои онҳоро роҷеъ ба ин ё он масъала таъйид ё  рад кардааст. Албатта, таҳқиқи моҳияти чунин баҳсҳои Сино бо табибон ва мутафаккирони юнонӣ аз ҳадафи ин мақола берун буда,  як кори  мустақили тахассусӣ ва илмии мутахассисони соҳа мебошад.

Бо эътирофи худи мутафаккир ӯ аз осори ба ҳайвонот бахшидаи Арасту фаровон истифода карда, дар асараш ибо-

[30] “Китоб-ул-ҳайвон”, с. 39, 54, 67, 330, 338, 398.

[31] Муқаддимаи “Китоб ул-ҳайвон”, с.1.

[32] Муқаддимаи “Китоб ул-ҳайвон”, с. Л.

раҳои "ӯ [Арасту] мегӯяд" ва "ман мегӯям"- ро дар баёни матолиби илмӣ истифода кардааст. Вале аз ин гуфтор набояд хулоса бароварда шавад,ки "Китоб ул-ҳайвон"-и Ибни Сино таълиқ ва талхиси осори ба ҳайвонот бахшидаи Арасту мебошад, зеро чунонки Иброҳим Мадкур ишорат мекунад: "Китоб ул-ҳайвон" як таҳқиқоти комилан, мустақил аст, ки муаллиф вайро ба сурати махсус ва бо дидгоҳи вижа таълиф кардааст".[33] Дар фарҳанги исломии пеш аз Ибни Сино асарҳо роҷеъ ба ҳайвонот таълиф гардида буданд ва баъдтар ҳам дар зери таъсири ӯ асарҳои мустақил дар бораи ҳайвонот ба забони арабӣ ва форсӣ-тоҷикӣ таълиф ёфт, ки намунаи равшани онҳо "Китоб ул-ҳайвон"-и Ҷоҳиз мебошад. Дар асари Ибни Сино ишораҳое дар ин бора пайдо карда метавонем, чунончи мегӯяд: "Он чи бархе аз мутакаллимон аз дӯстии шеру паланг мегӯянд, дурӯғ аст".[34] Ба гумони ғолиб Ибни Сино дар зери мафҳуми "мутакаллимон" Ҷоҳиз – яке аз пайравони тариқаи муътазиларо дар назар дорад. Аз гуфтаҳои боло чунин хулоса метавон кард, ки Ибни Сино дар асари хеш аз осори гузаштагон чун юнониён ва донишмандони исломӣ истифода кардааст, вале бо дидгоҳи нав ва фикру андешаҳои тоза.

Ибни Сино дар "Китоб ул-ҳайвон" дар атрофи чаҳор масъалаи асосӣ: илми муқоисавӣ доир ба ҳайвонот, андомшиносӣ, вазифаҳои андомҳо ва илми ҷаниншиносӣ ё эмбриология баҳс кардааст. Чунонки ишора кардем, тафсилоти мазмуни асари Ибни Синоро ба мутахассисони соҳа ҳавола карда, дар ин ҷо танҳо бархе аз масъалаҳои марбут ба муносибати илмии Ибни Синоро бо осори Арасту зикр менамоем. Ибни Сино дар зимни ҳашт мақолаи аввали китоби хеш ба пажӯҳиши «Илми муқоисавии ҳайвон» мепардозад ва мақолаи ҳабдаҳуми асарро низ ба ин мавзӯъ ихтисос медиҳад ва ихтилофоти ҳайвонотро нисбат ба ҷойи зист, хӯрок, андомҳои беруна ва даруна, зоиш ва афзоиш, табиат ва хӯю хислати онҳо муайян менамояд. Зимни таҳқиқ Шайхурраис ба китоби "Табоиъ ул-ҳайвон" - и Арасту такя карда, ба андешаҳои илмии Муаллими Аввал баъзе фикрҳои ҷузъиро меафзояд, дар аксари ҳолатҳо дидгоҳи илмии Арастуро тасдиқ намуда, онро тавзеҳ дода, дар баъзе масоил бо ӯ баҳс мекунад. Мавзӯи дувуме, ки Ибни Сино дар асари худ мавриди

[33] Муқаддимаи "Китоб ул-ҳайвон". – С..Ф.

[34] "Китоб ул-ҳайвон", с.114.

таҳқиқ ва баррасӣ қарор дода, дар он ба Арасту нуқоти мушаххасро илова кардааст, "Илми андомшиносӣ (анатомия)" мебошад. Дар ин илм фарқияти умдаи Шайхурраис аз Арасту дар ин аст, ки ӯ бештар ба ташреҳи инсон пардохтааст, дар ҳоле Арасту олами хайвонотро бештар мавриди таҳқиқ қарор додааст. Чунин падидаро мо бояд табиӣ арзёбӣ намоем, зеро Ибни Сино пеш аз ҳама табиб ва дар ин соҳа таҷрибаи фаровон касб карда буд ва ҳарчанд Арасту аз авлоди табибон баромада буд, вале Ибни Сино дар табобати инсон ва ташреҳи он таҷрибаи бештар андӯхта буд. Фарқияти асарҳои ин ду мутафаккири бузург ҳам маҳз дар ҳамин аст, ки яке бештар табиатшинос, яъне Арасту ва дигаре Ибни Сино бештар табиб буд ва ҳар кадоме дар соҳаи худ таҳқиқоти арзишманд боқӣ гузоштаанд. Мисоли равшани чунин андеша асари тиббии Ибни Сино "Ал-Қонун фи-т-тиб" мебошад, ки дар таърихи илми қадим ва навин асари бесобиқа аст. Ибни Сино зимни шарҳи андомшиносии инсон ҳайкалу пайкари  инсон ва андомҳои алоҳидаи ӯро  аз сар ё худ димоғ (майна) оғоз карда, пасон ба шарҳи қафаси сина, сутунмуҳра, устухонҳои асосии бадан пардохта, шарҳу баёни худро бо рону устухони пойҳо ва қадамҳо ба анҷом мерасонад. Бо дарки ин ки мушакҳо дар ҳаракату ҷунбишҳои инсон нақши барҷаста доранд, онҳоро ба сурати муфассал ва алоҳида мавриди шарҳу баён қарор медиҳад. Шайхурраис ба ташреҳи майна ва дастгоҳи ҳозима диққати хоса зоҳир карда, онҳоро аз дидгоҳи вазифаҳо шарҳу баён карда, пайванди онҳоро бо андомҳои эҳсос ва воситаҳои идрок нишон медиҳад. Қалбро чун узви асосии инсон ба сурати муфассал таҳқиқ намуда, рагу пайе, ки аз он ҷудо гардида, ба тамоми бадан паҳн мегарданд, маълум месозад. Шарҳу баёни бофтаҳо, мизоҷҳо, ахлот аз мадди назари Шайхураис дур намондааст. Ӯ хунро чун унсури асосии ҳаёту мамоти инсон шуморида, майна, ҳароммағзро мавриди омӯзиши амиқ қарор  дода, илми тиб ва илми байториро ба ҳам наздик сохтааст. Ибни Сино ба мавзӯъҳои муҳими мазкур се мақолаи асари хеш мақолаҳои дувоздаҳум, сездаҳум ва чаҳордаҳуми "Китоб ул-ҳайвон"-ро, ки калонтарин мақолаҳои асарро ташкил медиҳанд, бахшидааст. Дар таснифи мақолаҳои мазкур аз "Табоеъ ул-ҳайвон" ва "Аъзо ул-ҳайвон"-и Арасту истифода кардааст, вале ӯ онҳоро мӯшикофона ва бо равиши махсуси илмӣ ва таҷрибаи андӯх-

таи тиббии хеш мавриди таҳқиқ қарор дода, аз таҳқиқоти андомшиносии Ҷолинюс истифода намудааст.

Таваҷҷӯҳи Ибни Сино дар "Китоб ул-ҳайвон" ба вазифаҳои узвҳои ҳайвонот ва инсон камтар аз андомшиносии онҳо нест. Ӯ дар шарҳу баёни сирри офариниши инсон ва ҳайвонот ва тафсири сабабҳои ҳастии онҳо ба ин натиҷа мерасад, ки дар олами инсон ва ҳайвон се андоми асосӣ ё куллӣ - аз рӯйи таъбири худи ӯ - мавҷуд аст, ки онҳо манбаи зарурӣ ва асосӣ барои бақои шахс ва навъ мебошанд: нахуст дил аст, ки он манбаи ҳаёт, дувум майна аст, ки манбаи неруи ҳис ва ҳаракат ва сеюмин ҷигар аст, ки манбаи қувваи ғизогирӣ[35] Ибни Сино дар ин ақида мебошад, ки ҳар андомеро узви дигаре хидмат мекунад ва хидматгузори дил шушу рагҳои шараён буда, хидматгори майна андомҳои ғизогирӣ ва асаб мебошанд, дар ҳоле хидматгузори ҷигар меъда ва шоҳрагҳоанд.[36]

Шайхурраис дар «Китоб ул-ҳайвон" дастгоҳи ҳозимаро ба сурати муфассал шарҳу тафсил дода, нақши даҳону дандонҳоро мушаххас менамояд ва меъдаро «ошхонаи ғизо» мешуморад. Ибни Сино дар ин ҷо сурхрӯда, пардаи ҳочиз, рӯдаи дувоздаҳангушта, панкреос, рӯдаи борик ва ғафсро муфассал бозбинӣ кардааст.[37] Таъсири фишураҳо дар амалияи ҳазм ва бавижа кори  талха мавзӯи дигаре аст, ки аз назари файласуф ва табиби мо дур намондааст.[38]

Истилоҳи муҳими фалсафӣ ва тиббие, ки Ибни Сино онро ҳам дар осори фалсафии худ ва ҳам дар «Китоб ул-ҳайвон» мавриди баррасӣ қарор додааст, "рӯҳ" мебошад. Ин истилоҳ, ки дар фалсафаи юнонӣ бо номи «пневма» машҳур буда, аз ҷониби табиби мо, чун ҷисми бухории латифе, ки дар асабҳо ҷой  дошта, дар тамоми ҷисм паҳн мегардад ва аз қалб берун шуда, ба дигар атроф тӯл мекашад ва гӯё ҳамроҳ бо хун дар рагҳои шараён ва шоҳрагҳо ҷорӣ мешавад, муайян гардидааст.[39] Ин истилоҳ аз зумраи истилоҳоте мебошад, ки Ибни Сино дар тамоми осори фалсафии худ ҳангоми шарҳу баёни алоқаи ҷисм бо нафс таваққуф  кардааст.[40]

[35] "Китоб ул-ҳайвон", с.15.
[36] "Китоб ул-ҳайвон", с.15.
[37] «Китоб ул-ҳайвон", с.294-295-296.
[38] «Китоб ул-ҳайвон", с.320.
[39] «Китоб ул-ҳайвон", с.224-226.
[40] Иброҳим Мадкур. Фи ал-фалсафа ал-исломийа. – Қоҳира, 1968, с. 170 - 174.

Масъалаи дигаре, ки мавриди пажӯҳиши Шайхурраис дар «Китоб-ул-ҳайвон» қарор гирифтааст, ихтилофи назари файласуфон ва табибон дар масъалаи манбаи саршавии хун мебошад. Назари ҳакимон чун Афлотун ва Арасту ин аст, ки баромадгоҳи хун аз дил аст, дар ҳоле табибон маншаи онро ба ҷигар мансуб медонанд.[41] Дар ин масъала Шайхурраис бо файласуфон гароиш дошта, бар хилофи машшоиён ва дар пайравӣ бо табибон на қалб, балки майнаро мабдаи қувваҳои нафсонӣ мешуморад.[42] Чунонки аз мазмуни асари Ибни Сино берун меояд, ӯ ба қалб ва ташреҳи он диққати махсус дода, онро дақиқан шарҳу баён карда, рагу шоҳрагҳои аз он ҷудошавандаро низ ба қисмҳо ҷудо намуда, муайян сохтааст. Аз дидгоҳи Ибни Сино қалб дорои ҳаракатҳои ғайриодӣ буда, онро чун мушак ҳисобидан хатост, ҳарчанд бо онҳо шабоҳате ҳам дорад.[43]

Ибни Сино бар хилофи Арасту дастгоҳи нафаскаширо ба сурати муфассал мавриди баррасӣ қарор дода, хирной, «забони най», дастгоҳи шушро бо шуъбаҳои мухталифи он ва вазифаи онро чун омодакунандаи ҳавое, ки барои ғизои ҷисму ҷон зарур мебошад, муайян кардааст. Дидгоҳи файласуфонаи Шайхурраис роҷеъ ба вазифаи ҳар ду шуш аз ин иборат аст, ки аз рӯйи ҳикмати Худованд сурхраг барои он дорои ду шуш аст, ки бо аз кор мондани яке дигаре аз фаъолият боз намонад ва инсон нафас бикашад ва зиндагиро идома бидиҳад.[44] Дар партави гуфтаҳои боло чунин ба назар мерасад, ки Ибни Сино ба тамоми илми физиологияи қадим огоҳии комил дошта, ба ақидаи файласуфи шинохта Иброҳим Мадкур ду асари Арасту "Табоеъ ул-ҳайвон" ва "Пайдоиши ҳайвон"- ро, ки ба таҳқиқоти физиологӣ бахшида шудаанд, истифода карда, айни замон хатоҳо ва камбуди онҳоро нишон додааст. Бешубҳа, андешаҳои физиологии Ибни Сино аз афкор ва ақидаҳои табибон ва файласуфони Юнон комилтаранд, ҳарчанд бо пайдоиши дастгоҳҳои замонавӣ, илми физиологияи нав ва дастгоҳҳои дақиқи илмӣ корҳои ӯ низ аз камол дуртаранд.[45] Аз бозёфтҳои Ибни Сино дар "Китоб ул-ҳайвон" кашфи пайванд байни илмҳои

[41] «Китоб ул-ҳайвон", с.39-46.
[42] «Китоб ул-ҳайвон", с.40.
[43] «Китоб ул-ҳайвон", с.290-291.
[44] «Китоб ул-ҳайвон", с. 277 - 282.
[45] Муқаддимаи «Китоб ул-ҳайвон", с.РЕ.

“Наслшиносӣ” ва “Ҷониншиносӣ” мебошад, ки ӯ бештар ба Муаллими Аввал гароиш дорад, зеро чунонки маълум аст, Арасту аз бунёдгузорони илми “Ҷониншиносӣ ё эмбриология” буда, байни мавлуди зинда ва тухма фарқ мегузорад ва хосиятҳои асосӣ ва фаръии ҷинсиро ҷудо баён карда, чунин мешуморад, ки ҷанин ботадриҷ нашъунамо ёфта, нашъунамои он ба амали хамирмоя монандӣ дорад ва дар ин ҷо вазифаи асосии ҳамроҳак ва банди нофро муайян сохтааст.[46] Ибни Сино дар мақолаҳои нуҳум, даҳум, понздаҳум ва то ҳаждаҳум мавзӯъҳои мазкурро муфассал мавриди пажӯҳиш қарор додааст.

Мавзӯъи муҳими дигаре, ки Ибни Сино дар асари худ даст зада, хатои Арастуро ислоҳ кардааст, ин аст, ки аз дидгоҳи Муаллими Аввал манӣ танҳо хоси мард аст ва зан танҳо дорои хуни ҳайзу нифос аст.[47] Нуқтаи назари Шайхурраис ин аст, ки марду зан – ҳар ду дорои манӣ мебошанд, ҳарчанд вай аз назари хусусият дар ҳар ду фарқ менамояд.[48] Аз дидгоҳи Арасту мард ба зан чизи мушаххасе намедиҳад ва инро дар китобҳои худ хеле муфассал баён сохтааст ва дар ин ҷода байни Ҷолинюс ва Муаллими Аввал баҳсҳои доманадор барпо гардидаанд ва ба ин ақида расидаанд, ки бунёди насл аз марду зан аст ва мании ҳар дуи онҳо зоянда аст ва зоиш бе иштироки ҳар дуи онҳо номумкин аст.[49] Аз ин ҷо маълум мегардад, ки масъалаи сурат ва мода дар ин росто аҳамияти хоса дошта, мард танҳо сурат медиҳад ва сурат ба андешаи Арасту фарзияест, ки қариб аз чизи воқеӣ дарак намедиҳад, дар ҳоле зан модаро, ки он ҳам чизи мушаххас ва ҳисшаванда мебошад, пешкаш менамояд. Он чи дар ин маврид сазовори таваҷҷуҳ мебошад, ин аст, ки Ибни Сино ба ҳайвоноти дорои манӣ қоил аст, ҳарчанд онҳоро эътироф намекунад, вале ин ақидаи ӯ як андешаи бикр буда, ба сабаби набудани асбобҳои замонавӣ ӯ натавонистааст онҳоро дақиқ муайян созад.[50]

Мавзӯъи муҳими дигаре, ки аз таҳқиқи мухтасари «Китоб ул-ҳайвон» берун меояд ва барои илми филология аҳамияти хосса дорад, истилоҳоти соҳаи илми байторӣ ва ҳайвоноту парандагон мебошанд, ки Ибни Сино, бешубҳа, дар

[46] Сартон. Торих ал-илм. – Қоҳира, 1961, ҷ. 3, с. 269 - 270.
[47] «Китоб ул-ҳайвон”, с.144-145.
[48] «Китоб ул-ҳайвон”, с.145.
[49] «Китоб-ул-ҳайвон”, с.147-164.
[50] «Китоб-ул-ҳайвон”, с.392.

таърихи бунёди истилоҳоти ин соҳаҳо ба забони арабӣ яке аз асосгузорони он мебошад. Ин мавзӯъ ҳам як мавзӯъи мустақили филологӣ аст, ки бояд мавриди таҳқиқ қарор бигирад. Хулосаи илмӣ аз баррасии истилоҳоти ин китоби арзишманди Сино аз ин иборат аст, ки арабҳо аз аввалҳои қарни дуввуми ҳиҷрӣ ё худ ҳаштуми милодӣ ба навиштани асарҳо роҷеъ ба ҳайвонот оғоз карда, донишмандоне чун ал-Асмаӣ, Абуҳотам Сиҷистонӣ ва дигарон асарҳо бо номҳои "Китоб ул-ибил" ("Дар бораи шутур"), "Китоб ул-хайл" ("Дар бораи асп") ва "Китоб ул-вуҳуш ва-т-тайр" (Китоб андар ваҳшиён ва парандагон») навишта буданд ва то замони мо расидаанд..

## ИБН СИНО – ШОИРИ ЗУЛЛИСОНАЙН

Абӯалӣ Сино, дар баробари мутолиъа, таҳқиқ ва таълифи осори илмӣ дар заминаҳои тиб, дорушиносӣ, гиёҳшиносӣ, фалсафа, мантиқ, ирфон, табиатшиносӣ, риёзиёт, нуҷум, ҳандаса, мусиқӣ... ва ҳамчунон муоличаи беморон, ба шеър ва адабиёти бадеъӣ низ иштиёқи баланд дошт ва ҳар гоҳ ки илҳомоти ғайбӣ ба ӯ даст медод, қитъае дар сурати манзум ба забони арабӣ ё тоҷикӣ месуруд. Бо ин ки аксари асарҳои илмиашро чун "Ал-Қонун фит-тиб", "Аш-Шифо", "Рисола фит-тайр", "Ҳай ибн Яқзон", "Саломон ва Абсол", "Рисола фил-ишқ"... ба забони арабӣ навишта буд, забони тоҷикиро низ фаромӯш накард ва чанд рисолаи илмӣ низ ба забони дарии тоҷикӣ навишт, ки "Донишномаи Алоӣ" ва "Рисолаи набз" аз он ҷумла мебошад. "Донишномаи Алоия" ё "Ҳикмати Алоӣ"ро Шайх ба хоҳиши Алоуддавлаи Кокуя навишта ва бино бар он чӣ дар оғози он оварда онро ба қасди таҳқиқ дар мантиқ ва табиъиёт ва ҳайату мусиқӣ ва моварроуттабиъа (метафизика – А.У.) тасниф кард, лекин ҷуз ба таҳрири қисмати мантиқу илоҳиёту табиъиёт тавфиқ наёфт ва таълифи боқияи китоб (ҳайъат, ҳандаса, ҳисоб, мусиқӣ)ро баъд аз ӯ шогирдаш Абӯубайди Ҷузҷонӣ бо тарҷума аз кутуби мухталифи Шайх бар ӯҳда гирифт ва аз он ҷумла мусиқиро аз қисмати мусиқии "Китоб аш-Шифо" тарҷума кард."[51] Ғайр аз ин бештари абёташро ба забони дарӣ (тоҷикӣ) суруд.

Ашъори бисёреро ба Ибни Сино нисбат медиҳанд, вале аз байни онҳо 72 байт шӯҳрати бештаре дорад. Чунон ки

[51] Забеҳулло Сафо. Торих-э адабиёт-э Ирон. Ҷэлд-э аввал. Хӯлосэ-йэ ҷэлд-э аввал ва дӯввӯм. – С.146-147.

мебинем, ашъори Абӯалӣ Сино ба ҳар сурат он қадар зиёд нест, вале ӯ бо ҳамин теъдоди ками ашъор, ки аксаран аз рубоиву қитъаот иборат аст, дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ба унвони як шоири забардаст низ номи худро ҷовидонӣ сохт. Ба хусус, ба унвони асосгузори шеъри фалсафӣ дар адабиёти тоҷикӣ-форсӣ  шинохта шуд.

То Ибни Сино шеъри форсии тоҷикӣ дар равияҳои мадҳу ситойиш, ишқу отифа ва ҳамосапардозӣ қарор гирифта буд ва дар ин заминаҳо дастовардҳои фавқулодда бузургеро низ дар пай дошт. Ибни Сино дар фазои бепоёни шеъри дарии тоҷикӣ фалсафаписандиро ҷойгузин кард. Ин равиши шеърсароӣ, яъне, масъалаҳои фалсафиву илмиро вориди шеър кардан ва дар чорчӯби рубоӣ баён намудан баъд аз ӯ ривоҷ ёфт, хусусан, Ҳаким Умари Хайёми Нишопурӣ, ки худро шогирд ва пайрави Абӯалӣ Сино дар фалсафа медонист, ин услубро сарбаландона идома дод ва ба ҳадди аъло расонид. Илова бар ин, Ибни Сино дар таърихи шеъри арабӣ ва форсии тоҷикӣ аввалин касест, ки масъалаҳои тиббӣ ва табйини усулҳои табобатро вориди шеър кард ва ин гуна шеърҳоро "урҷуза" номид.

Бо ҳамин чанд далел, ки зикр шуд, дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Ибни Сино ҳамчун шоири ориф эътироф гашта, муҳимтарин қисмати осори адабии ӯро шеърҳо ташкил медиханд. Қасида ва ғазалҳои шоир тасаввуфӣ ва ахлоқианд. Вале рубоиҳои Сино шоирона садо додаанд. Афкори ҳикматомӯзи шоир дар ашъораш ба таври равшан инъикос шуда, муносибати иҷтимоъӣ ва шахсияти шоирро равшан месозанд. Ин ҷо чанд намуна аз рубоиёти Абӯалӣ Сино, ки роҷеъ ба масоили иҷтимоъӣ ва ахлоқӣ эҷод шудаанд, манзур мегардад:

## НАМУНАҲО АЗ АШЪОРИ ТОҶИКИИ АБӮАЛӢ СИНО:

***

Дил гарчӣ дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,
В-охир ба камол заррае роҳ наёфт.

***

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бо мор нишаст.

***

Куфри чу мане газофу осон набувад,
Маҳкамтар аз имони ман имон набувад.
Дар даҳр чу ман якеву он ҳам кофир,
Пас дар ҳама даҳр як мусалмон набувад.

***

Аз қаъри гили сиёҳ то авҷи Зуҳал
Кардам ҳама мушкилоти гетиро ҳал.
Берун ҷастам зи қайди ҳар макру ҳиял,
Ҳар банд кушода шуд, магар банди аҷал.

***

Ҳақ ҷони ҷаҳон асту ҷаҳон ҷумла бадан,
Аҷноси малоик хавоси ин тан.
Аҷрому аносиру маволид аъзо,
Тавҳид ҳамин аст, дигарҳо ҳама фан.

***

Ҳар ҳайати ҳар нақш, ки шуд маҳв акнун,
Дар махзани рӯзгор гардад махзун.
Чун боз ҳамин вазъ шавад вазъи фалак,
Аз пардаи ғайбаш оварад Ҳақ берун.

***

Эй нафс, ки бастаи ҳавову ҳавасӣ,
Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.
Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯ, ишва махар,
К-аз дӯст бароиву ба душман бирасӣ.

***

Чун пир шудӣ, кори ҷавон натвон кард,
Пирӣ ба кофирӣ ниҳон натвон кард.
Дар зулмати шаб ҳар он чӣ кардӣ, кардӣ,
Дар равшании рӯз ҳамон натвон кард.

***

З-он пеш, ки аз ҷаҳон фурӯ монӣ фард,
Он беҳ, ки набоядат пушаймонӣ хвард.
Имрӯз бикун, чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ, чун натавонӣ кард.

***

Эй кош, бидидаме, ки ман кистаме?
Гар муқбилам, осудаву хуш зистаме.
Саргашта ба олам аз пайи чистаме?
В-арна, ба ҳазор дида бигристаме!

***

Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.
Хар бош, ки ин чамоа аз фарти харӣ,
Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.

***

Дар пара сухан нест, ки маълум нашуд,
Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.
Дар маърифаташ чу нек фикре кардам,
Маълум шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд.

***

Эй зоти ту мар-вуҷудро буда асос,
Ҷуз зоти ту нест ҳеҷ кас зотшинос.
Касро ба камолу кунхи зотат  раҳ нест,
Бар феъли ту мекунад зоти ту қиёс.

***

Эй нафс, ки бастаи ҳавою ҳавасӣ,
Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.
Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯ, ишва махар,
К-аз дӯст бароиву ба душман бирасӣ.

# ХУЛОСА

Абӯалӣ ибни Сино бе шакку шубҳа, аз бузургмардони ифтихорофарини ҷаҳони илму дониш, аз нобиғагони камназири таърихи башар аст, ки дар тамоми муддати умр лаҳзаеро ба роҳату фароғат нагузаронда, балки ҳамеша ва ба таври мунтазам машғули касби илму донишу ҳунар будааст.

Акнун низ пас аз гузашти ҳазор сол номаш зиннатбахши марказҳои илму дониши башарият аст ва ҳазораи солгарди таваллуди ин ҳакими бузург дар аксари кишварҳои ҷаҳон ҷашн гирифта шуд.

Ном ва ёди ин нобиғаи ҷаҳонӣ ҳамеша мавриди эҳтироми тоҷикону ӯзбекон ва эрониён аст. Дар Тоҷикистон барои гиромидошти Абӯалӣ ибни Сино бо қарори КМ ҲКТ ва Шӯрои Вазирони ҶШС Тоҷикистон Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Ибни Сино – ҷоизаи олии ҷумҳуриявӣ дар соҳаи илму техника (1 марти соли 1967), номгузории Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ Ибни Сино, майдону хиёбонҳо, маҳалаву ҷамоатҳо ва пайкараву нимпайкараҳо гузошта шудаанд. Бо ҳамкории киностудияҳои “Ӯзбекфилм” ва “Тоҷикфилм” филме бо номи “Ҷавонии Бузургвор” (1982) дар бораи даврони кӯдаки ва наврасии Сино офарида шудааст (коргардони филм Эльёр Эшмуҳамедов).

Арзёбии мероси илмиву адабӣ ва таҳқиқи вусъати андешаи Ибни Сино берун аз ҳадди имкон аст. Тасаввур кунед, агар Абӯалӣ ибни Синоро ба унвони як мутафаккири мутабаҳҳир дар соҳаҳои мухталифи улуми табиъӣ, риёзӣ ва иҷтимоъӣ муъаррифӣ кардан хоҳем, он гоҳ чунин таърифе матраҳ мешавад: Ибни Сино – тибшинос, дорушинос, химик, биолог, физиолог; Ибни Сино – табиъатшинос, ситорашинос, маъданшинос; Ибни Сино – файласуф, мантиқшинос, ахлоқшинос, ҷомеъашинос, диншинос, тасаввуфшинос; Ибни Сино – забоншинос,  адабиётшинос, шеършинос; Ибни Сино – мусиқишинос; Ибни Сино – риёзидон, физик; Ибни Сино – нависанда, шоир, мутарҷим.

Мо дар ин рисолаи хурд кӯшиш намудем ба чанд паҳлӯи муҳими ҳаёт ва фаъолиятҳои илмиву адабии ин мутафаккири бемислу монанди ҷаҳон ба таври мухтасар ишора кунем ва ба насли ҷавон таъкид намоем, ки омӯзишу таҳқиқи афкор ва осори ӯ дар оянда низ бояд идома ёбад.

## ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Абуали ибн Сина. Избранное. Том 2. Рисола фи-л-ахлоқ. – Душанбе-Ашгабад, 2003.

2. Ибн Сина. Книга знания “Даниш-наме”. – Сталинабад, 1957.

3. Ибн Сино. Ал-ишорот ват-танбиҳот. – Қоҳира, 1957-1960.

4. Абуалӣ Ибни Сино. Осор. Ҷ.1. – Душанбе, 2005.

5. Абу Али Ибн Сино. Канон врачебной науки.Т.1,в 10 томах. – Ташкент,1996.

6. “Ал-Қонун фи-т-тиб” ли Аби Али ал-Ҳусайн ибни Сино ал-мутаваффа санат 428ҳ.. – Қоҳира, 2012-2015.

7. Аш-Шифо-ат-табиъиёт, ал-Ҳайвон, роҷаъаҳу ва қаддама лаҳу Иброҳим Мадкур. – Қоҳира, 1980.

8. Беруний билан Ибн Синонинг савол-жавоблари. – Т., Ўзбекистон Фанлар Академияси, 1950.

9. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Бо эҳтимоми Муҳаммад Муъин. – Теҳрон. 1376.

10. Сайид Ҳусайн Наср. Се ҳакими мусалмон. Тарҷумаи Аҳмади Ором. – Теҳрон: “Ширкати саҳҳомии китобҳои ҷайбӣ”, 1371.

11. Шарафиддин Хуросонӣ, Фатҳуллоҳ Муҷтабой, Тақии Биниш, Алиризо Ҷаъфарии Нойинӣ. Абӯалӣ Сино. Зери назари Козим Мӯсавии Буҷнурдӣ. – Теҳрон, 1388.

12. Ш.Ҳусейнзода, Х.Шарифов. Мақоми Ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик. – Душанбе: “Маориф”, 1985.

13. Ғуломризо Аъвонӣ. Мақоми Ибни Сино дар таърихи фикри башар. / Ҳакими ҳазораҳо. – Теҳрон: “Бунёди илмӣ ва фарҳангии Бӯалӣ Сино”, 1388.

14. Муҳаммадёров О. Ибн Сино фалсафий-ахлоқий меросининг жаҳон фалсафаси тарихидаги ўрни. – Т.: “Янги нашр”, 2018.

15. Раховский Б.Э. Философское наследие Ибн Сины. // «Вопросы философии». - №5. – М., 1955.

16. Хайруллаев М.М. Абу Али ибн Синонинг илмий-фалсафий ва ижтимоий қарашлари. Ўзбекистонда ижтимоий-фалсафий фикрлар тарихидан лавўалар. – Т.: “Фан”, 1976.

17. Хотамий С.М. Ислом тафаккури тарихидан. Таржимон Н.Қодирзода. – Т.: “Минҳож”, 2003.

18. Шарипов А. Малоизвестные страницы переписки между Беруни и Ибн Синой. // «Общественные науки в Узбекистане». - №5, 1965.

19. Сартон. Торих ал-илм. Ҷ.3. – Қоҳира, 1961.

20. Иброҳим Мадкур. Фи ал-фалсафа ал-исломийа. – Қоҳира, 1968.

## МУНДАРИҶА

Абӯалӣ Сино – ҳакими ҳазораи ........................................ 3
Гузашта ва ҳазораҳои оянда ........................................ 3
Муқаддима........................................ 9
Мухтасари рӯзгори Ибни Сино ........................................ 11
Мероси илмӣ ва адабии Ибни Сино........................................ 17
Табақабандии илмҳо аз нигоҳи Ибни Сино ........................................ 23
Ибн Сино – файласуф........................................ 24
Ибн Сино – ахлоқшинос........................................ 28
Ибн Сино – донишманди илмҳои тиб........................................ 33
Ибни Сино - ҷомеъашинос........................................ 34
Ибни Сино – донишманди илми зоология ........................................ 34
Ибн Сино – шоири зуллисонайн........................................ 42
Намунаҳо аз ашъори тоҷикии Абӯалӣ Сино: ........................................ 43
Хулоса ........................................ 46
Феҳристи адабиёти истифодашуда........................................ 47

---

*Илмий-оммабоп нашр*

**АБДУҶАББОР УМАРОВ**

**АБУ АЛИ ИБН СИНОНИНГ ЖАҲОН ТАМАДДУНИ ТАРИХИДАГИ ЎРНИ**

*Рисола*

**Тожик тилида**

Муҳаррир *Ж. Муҳаммад*
Бадиий муҳаррир *Х. Худойбердиев*
Мусаҳҳиҳ *З. Ирисбоева*
Саҳифаловчи *Б. Ирисбоев*

Босишга 2019 йил 3 мартда рухсат этилди.
Бичими 84x108 $^{1}/_{32}$. Ҳажми 2,75 б.т. Адади 600 нусха.
Буюртма № 51.

«Yangi nashr» нашриёти,

«ADAD PLYUS» МЧЖ босмахонаси.
Тошкент ш. Чилонзор тумани, Бунёдкор кўчаси, 28-уй.



Умаров Абдуҷаббор Ҷалолович 24 феврали соли 1967 дар ноҳияи Самарқанди вилояти Самарқанд таваллуд ёфтааст. Таҳсилоти ибтидоиро дар мактаби зодгоҳ, таҳсилоти олии худро дар факултети таърихи Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1989-1995) фаро гирифтааст.

Абдуҷаббор Умаров аз соли 1017 раиси Шӯрои ноҳияи Самарқанди ҳизби O`zLiDeP, аз соли 2020 то кунун депутати Шӯрои намояндагони халқи ноҳияи Самарқанд мебошад. Оиладор, соҳиби се нафар фарзанд аст.

Намунаҳое аз навиштаҳо ва мусоҳибаҳои Абдуҷаббор Умаров ба забонҳои тоҷикӣ ва ӯзбекӣ дар матбуоти даврӣ эълон гардидааст.

YANGI NASHR
ISBN-978-9943-22-273-1